ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЙ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ

РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

САРМАРКАЗИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАШКИЛ КАРДАНИ СИСТЕМАИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ДАР СОҲАИ АЗНАВТАЙЁРКУНИИ ПЕДАГОГҲО, КАДРҲОИ РОҲБАР ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОНҲО

**Барои тахассуси Филология**

**Аз рӯи модули**

# ТАТБИҚИ ТАҲЛИЛИ СИСТЕМАВӢ ВА УСЛУБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

(Маҷмӯаи таълимӣ-услубӣ)

Самарқанд - 2019

Маҷмӯаи таълимӣ услубии модул дар дар иттиҳодияи мувофиқгардонии шӯрои таълимӣ-услубии Вазорати таълими Олӣ ва миёнаи махсус аз санаи 2 ноябри соли 2019 дар асоси буйруғи № 1023 маъқул карда шудааст ва мутобиқи нақша ва дастури таълимӣ таҳия карда шудааст.

**Тузувчилар:** **Ж.Ҳамроев- доктори фанҳои филологӣ, профессор**
**С.Х.Хӯҷақулов – номзоди фанҳои филолгӣ, доцент**.

**Тақризчилар: С.Саъдиев** –доктори фанҳои филолгӣ, профессор.
**Р.Абдуллоев**-педагогика фанлари номзоди, доцент

**Самарқанд - 2019**

МУНДАРИЖА

I. ИШЧИ ДАСТУРИ....................6
II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ....................7
III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТ УЧУН МАТЕРИАЛЛАР....................16
IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТ УЧУН МАТЕРИАЛЛАР....................49
V. КЕЙСЛАР БАНКИ....................76
VI. ГЛОССАРИЙ....................77
VII. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ....................79

# I. ДАСТУРИ КОРӢ

## *Муқаддима*

Дастури фанни « **Татбиқи таҳлили системавӣ ва услубӣ дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик**» ба муттахассисон равиш, усули омӯзиши мавзӯъҳои фанҳои тахассусиродар назар дорад. Донишҳои аз маъруза, машғулотҳои амалию семинарӣ, гирифтаи магистрон дар таълими фан мустаҳкам карда, такмил дода мешаванд. Таълими фанни махсус дар омӯзишгоҳҳои олӣ ба мутахассисони оянда ва омӯзгорони фанни забону адабиёт яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

## *Мақсад ва вазифаи фанни таълимӣ*

Мақсади таълими фанни « **Татбиқи таҳлили системавӣ ва услубӣ дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик**» ба муттахассисони соҳаи забон ва адабиёти тоҷик оиди усулҳо, роҳу равиши таълими забони модарӣ дар мактабҳои миёна маълумот додан аст.

Вазифаи фанни мазкур аз чунинҳо иборатанд: тавсифи тадқиқотҳои олимон роҷеъ ба мавзӯи методикаи таълими забон; ҳангоми таълим ба вуҷуд овардани вазъиятҳои муаммой; таълими хелҳои дарс ва усули дарси проблемавӣ таълим дода мешавад; тарзи таълими мавзӯъҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ; такмил додани мулоҳизаҳои шахсии магистрон дар бобати амалӣ намуднаи донишҳои назарӣ.

## *Талаботи асосӣ мутобиқи фан ба дониш, маҳорат ва малакаи шунавандаҳои такмили ихтисос*

Дар заминаи баррасии методикаи таълими фанҳои махсус ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти магистрон ташаккули шахсияти баркамоли накӯахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқа кӯмак расонидан; дар бораи хусусиятҳои хоси методикаи таълими фанҳои махсус, мақсад ва моҳияти он ва тарзи таълими мавзӯъҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ *ба тасаввуроти муайян соҳиб бошанд;*

- оиди роҳу равиши таълими фанҳои тахассусӣ дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва вазифаи асосии онҳо *маълумоти назарӣ дошта бошад*;
- донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар асоси таълими хелҳои дарс усули индуктивӣ ва дедуктивӣ ва усули дарси проблемавӣ *дар амал тадбиқ карда тавонанд;*
- дар бораи тавсири тадқиқотҳои олимон роҷеъ ба мавзӯи методикаи таълими фанҳои махсус ва таклил додани мулоҳизаҳои шахсии шунавандаҳои такмили ихтисос дар бобати амалӣ намудани донишҳои назарӣ *малака ҳосил намояд*;
- ҳангоми таълим аз технологияи нави педагогӣ: моделҳои нави таълим, тадбиқи методҳои наву ноанъанавӣ истифода кардан, ба вуҷуд овардани вазъиятҳои муаммовӣ оиди тарзи таълими дарси проблемавӣ ба *таҷрибаи кофӣ соҳиб шудан*

## Алоқаи фанни мазкур бо фанҳои дигар ва пайдарҳамии он аз ҷиҳати услубӣ

Фанни мазкур аз фанҳои асосии тахассусӣ буда, аз бисёр ҷиҳатҳо таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Методикаи таълими фанҳои махсус дар алоқамандӣ бо фанҳои педагогика, психология, методикаи таълими адабиёт, услубшиносӣ, адабиётшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, фалсафа, таърих тадрис мегардад. Он аз 7-8 ҷиҳат муҳокима гардида ба тасдиқи вазорат пешниҳод шудааст. Он аз рӯзи тасдиқшавии дастури таълимӣ ба амал ҷорӣ карда мешавад.

Дастури корӣ дар ҳолати тағйирёбии Стандарти давлатии таълим ва нақшаи таълим дигаргун карда мешавад.

**Таълиме, ки ба ташаккули шахс равона карда шудааст.** Ин шакли таълим барои ташаккули шахсияти тамоми иштирокчиёни ҷараёни таълим равона карда шудааст. Ин усул ҳангоми ба лоиҳа даровардани ҷараёни таълим, барои шаклгирии на танҳо фарди ҷудогона, балки барои инкишофи қобилияти тамоми магистрон дар асоси мақсадҳои муайяни ҷараёни таълим ба роҳ монда мешавад.

**Муносибати системавӣ ва мураттаб.** Ин сохтор тамоми унсурҳои технологияи таълимро дар худ бояд муҷассам кунад, мантиқияти ҷараёни таълим, мураттабии тамоми қисматҳои он ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо ва яклухтиву ягонагии он аст.

**Муносибате, ки ба фаолият равона карда шудааст.** Ба ташаккули тадриҷии шахс, таъмини фаолии таълимгиранда, дар ҷараёни хониш тамоми қобилият ва имкониятҳои ӯро, ташаббускориҳои ӯро ба инобат гирифтан.

**Муносибати диалогӣ.** Ин муносиба зарурияти муайян кардани хонишро нишон медиҳад, дар асоси он худро фаол кардани магистр, худро нишон дода тавонистани шахс ба таври эҷодӣ афзуда мешавад.

**Ташкили ҳамкорӣ дар ҷараёни таълим.** Демократия, баробарӣ, дар ҳамкорӣ таҳлил кардани натиҷаҳои ба даст даровардашуда дар ҷараёни таълим, баҳо додан ба онҳо, дар ҳамкорӣ ва ҳамҷоягӣ муаян кардани мақсад ва вазифаҳо, ҳукм ва хулосаҳои мантиқӣ бароварда тавонистан, дар якҷоягӣ кор кардан аст.

**Таълим дар асоси гузориши муаммо.** Аз ҷумлаи методҳоест, ки маводи таълимиро ба тарзи муаммовӣ пешниҳод мекунанд. Дар асоси он дониш ва илму тафаккури илмии хонанда ба тарзи обективӣ ба муаммо ва ё вазъияти муаммоӣ зид гузошта мешавад ва фаолияти амалии магистр ба эътибор бояд гирифта шавад. Дар ин маврид тарзи андешаронии магистр, хулосаҳои ӯ, баҳодиҳии ӯ нисбати масъала ҷузъи муҳим аст.

**Усулҳои замонавии тақдим намудани ахборот ва маълумот. -** Истифодаи васоити нави технологияҳои таълим ва воситаҳои ттехникии нав дар ҷараёни таълим.

**Техникаи таълим ва равишҳои асосии он.** Маърӯза, таълими муаммой, кейс-стади, пинборд, ҳуҷуми ақлӣ, парадокс, ба лойиҳа гирифтан, чархфалак, муҳокима, мулоқот, нақл, индукция, дедукция, сӯҳбат, машғулоти амалӣ.

**Роҳ ва шаклҳои ташкили ҷараёни таълим.** Диалог, пилолог, мулоқот, ҳамкорӣ, дар гурӯҳ.

**Воситаҳои омӯзиш.** Шакл ва воситаҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълим, матни маърӯзаҳо, китоби дарсӣ, васоити таълимӣ, материалҳои илюстративӣ, демонстрационӣ, воситаҳои техники нав.

**Усулҳои коммуникатсионӣ.** Мутаноисбияти методи омӯзиш бо маводи таълим, бунёди алоқа ва муносибатҳои зиндаву баръакс дар ҷараёни таълим.

**Воситаҳои баръакси алоқа ва муносибат.** санҷиш, мушоҳида, саволу ҷавоб, луқма, блиц-пурсиш ва ғайраҳо.

**Восита ва усулҳои идора.** Сохтани харитаи технологии ҳар як мавзӯъ ва муайян кардани мақсадҳои дарс, тайёрии психологӣ ба ҷараёни омӯзиш, ба нақша гирифтани мавзӯъ, назорати мунтазам ва идораи магистрон.

**Мониторинг ва баҳогузорӣ.** Дар ҷараёни машғулотҳои дарсӣ ва дар ҷараёни тамоми таълими фан дониш ва дараҷаву савияи дониши хонандагонро мунтазам назорат намудан, баҳо гузоштан, мушоҳида кардан, ба эътибор гирифтан. Дар поении курси мазкур дар асоси саволномаҳо (тест ва ё хаттӣ) дониши ҳосилкардаи магистрон ҷамъбаст карда мешавад ва ба онҳо баҳо гузошта мешавад.

***Мазмун ва ҳаҷми соатҳои фанни мазкур***

***4.1. Ҳаҷми фан***

| *№* | *Навъи машғулотҳо* | *Соатҳо* |
|---|---|---|
| 1 | *Машғулоти назарӣ* | 4 |
| 2 | *Амалӣ* | 10 |
| 3 | *Кори мустақилона* | 2 |
| 4 | *Назоратҳо* | |

## II. МАЗМУНИ МАВЗӮЪҲОИ МАШҒУЛОТИ НАЗАРӢ ВА ҲАҶМИ СОАТҲОИ ОН.

**Мақсад ва вазифаҳои фанни**

**«Тамоилҳои шаклгирӣ ва ривоҷёбии методикаи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои олӣ»**

Объекти фанни методикаи таълими фанҳои махсус. Предмети фанни методикаи таълими забон ва адабиёт. Вазифа ва моҳияти методикаи таълими забон. Тарзи тадбиқи дарсҳои забони модарй дар чараёни таълим. Ҷараёни таълим ва таълими забони модарй

***Адабиёт:***


1.И.Хочаев. Методикаи мухтасари забони точикй, Душанбе, 1995

2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;

3.М.Қурбонов. Методикаи таълими забони точикй дар мактабҳои миёна, қисми I.. Душанбе, 1983;

4.Истамова М., Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ (Дар асоси технологияи нави таълим).– Самарқанд, 2015;


***Моделҳои асосии таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик***

Дарсҳои анъанавй ва ноанъанавии забони модарй. Модели анъанавии дарси забони модарй. Сохт ва структураи дарсҳои анъанавии забони модарй. Методҳои анъанавии таълими забони модарй. Методҳои маърӯза, сӯҳбат, мушоҳида, муҳокима дар таълими забони модарй ва тарзи тадбиқи он дар амал. Мафҳуми методҳои асосии забони модарй.

***Адабиёт:***


1. Давлат таълим стандарти. – Тошкент: Маърифат. – 1998, 13 май.
2. Мутолиа кардан: Таълим методлари.... Тошкент, 2004, 2 бўлим.
3. С.Хӯҷақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубй. – Самарқанд. СамДУ: 2012;
4. Истамова М., Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015;
5. О.Розиқов. Ўзбек тилидан дарс типлари. – Тошкент: Ўқитувчи, 1976;
6. М. Истамова Методикаи таълими забони точикй. - Самарқанд, 2003;
7. Марҳабат Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-IX. – Самарқанд, 2006


***Моделҳои ноанъанавии таълими фанҳои махсус аз равияи забони тоҷикӣ***

Мафҳуми дарсҳои ноанъанавй аз фанни забон ва адабиёти точик. Моделҳои асосии дарсҳои ноанъанавй аз фанни забони модарй: дарси ҳамчоя ва ҳамкорй, дарси моделизацияшуда, дарси тадқиқотй. Таснифи методҳои таълимии дарсҳои ноанъанавй. Методҳои намоишдиҳй, методи баёни муаммой, методи чустучӯй, аз нав ба хотирорй ва тадқиқотй.

**Адабиёт**:

1. Давлат таълим стандарти – Тошкент: Маърифат. – 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони тоҷикӣ. Тошканд. 2003. (барои синфҳои 5- 9).
3. Мутолиа кардан: Таълим методлари.... Тошкент, 2004, 2 бўлим.
4. С.Хўҷақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубй. Самарқанд. СамДУ: 2012
5. М.Истамова. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. - Самарқанд, 2003;
6. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ Дар асоси технологияи нави таълим. – Самарқанд, 2015;

***Дарсҳои муқаддимавӣ ва тарзи ташкили онҳо.***

Мақсад ва моҳияти дарсҳои муқаддимавӣ. Омилҳои асосии таснифи забони модарӣ ба қисматҳои муқаддима ва қисматҳои асосӣ. Мазмун ва моҳияти қисмати дарсҳои муқаддимавӣ ва истилоҳоти асосии ин қисмат. Мавзўъҳои асосии дарсҳои муқаддимавӣ аз фанни забони модарӣ.

**Адабиёт***:*

1. Давлат таълим стандарти. – Тошкент: Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълимии забони тоҷикӣ, (с. 5-9), Тошкент, 2003.
3. Мутолиа кардан: Таълим методлари.... Тошкент, 2004, 2 бўлим.
4. С.Хўҷақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубй. Самарқанд. СамДУ: 2012
5. М.Истамова Методикаи таълими забони тоҷикӣСамарқанд. – 2003.
6. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ Дар асоси технологияи нави таълим. – Самарқанд, 2015;

***Ташкили корҳои таълимӣ ва шаклҳои асосии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.***

Маълумоти умумӣ бобати шаклҳои асосии дарси забони модарӣ. Қисматҳои таркибии дарсҳои забони модарӣ: Ба хотироварӣ, дониши нав ҳосил намудан, тадбиқ намудан, таҳлил намудан, хулоса намудан,асоснок намудан, тарзи супориши вазифаи хонагӣ. Намудҳои таълими фаҳмиш, такрор намудан, кор дар болои камбудӣ ва нуқсонҳо.

**Адабиёт**:

1. Давлат таълим стандарти. Тошкент: Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони точикӣ. Тошканд, 2003,(барои синфҳои 5-9);
3. «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
4. М.Истамова Методикаи таълими забони точикӣ. - Самарқанд, 2003;
5. М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикӣ дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
6. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;

## Нақшаи тақвимии мавзӯъҳои назарӣ аз фанни методикаи таълими фанҳои махсус

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | со ат | муддати ичро | аломат и ичро | Эзо ҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақсад ва вазифаҳои фанни «Методикаи таълими фанҳои махсус | 2 | | | |
| 2 | Моделҳои асосии таълими фанҳои махсус. | 2 | | | |
| 3 | Моделҳои ноанъанавии таълими фанҳои махсус аз равияи забони тоҷикӣ | 2 | | | |
| 4 | Дарсҳои муқаддимавй ва тарзи ташкили онҳо. | 2 | | | |
| 5 | Ташкили корҳои таълимй ва шаклҳои асосии фанҳои махсус. | 2 | | | |
| **Ҷамъ: 10 соат** | | | | | |

## Мазмуни мавзӯъҳои машғулоти амалй аз фанни Тамоилҳои шаклгирӣ ва ривоҷёбии методикаи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои олӣ

Шунавандагони такмили ихтисос дар машғулоти амалй бо роҳбарии устодон дониши назарии худро дар амал месанчанд, яъне малакаю маҳорати худро зимни баён ва ҳаллу фасли масъалаҳои методикаи таълими фанҳои махсус зина ба зина дониши назарии худро дар амал тадбиқ менамоянд. Самти асосии чараёни таълими дарсҳои амалй ба он нигаронида шудааст, ки дар рафти машғулотҳо магистрон хусусиятҳои умумии методикаро чуқур аз худ намуда, оиди вазифа ва аҳамияти он маълумоти саҳеҳ пайдо кунанд. Ба магистрон барои азхудкунии мавзӯоти машғулоти амалй аз чониби устодони кафедра васоити таълимии услубй, материалҳои чудогона пешниҳод карда мешавад.

Ягонагй ва пайвастагии доимии илми назарй- дониши назарй ва амалиёт шарти аввалиндарачаи донишандӯзй, вусъати чаҳонбинй, заковат ва равнақи камолоти маънавй аст. Мавзӯъҳои машғулоти амалй аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

### Зарурати омӯзиши забони модарй ҳамчун фан ва мавқеи он дар системаи фанҳои таълимй.

**Адабиёт**:


1. Давлат таълим стандарти. Тошканд. Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони точикӣ. Тошкент, 2003,(барои синфҳои 5-9);
3. «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
4. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони точикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;

5. М.Қурбонов, З.Воҳидов, М.Исрофилов. Дарсҳои забони модарӣ дар синфи IX. Душанбе, 1992;

**Ташкили корҳои таълимӣ ва шаклҳои асосии дарси фанҳои махсус.**

**Адабиёт**:

1.Дастури таълими забони точикӣ. Тошканд, 2003,(барои синфҳои 5-9);
2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
3.М.Истамова Методикаи таълими забони точикӣ. - Самарқанд, 2003;
4.М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикӣ дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
5.Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;

**Мушоҳида ва таҳлили дарси яксоата аз фанҳои махсус**

**Адабиёт**:

1.М.Қурбонов. Методикаи таълими забони точикӣ дар мактаби миёна. қисми1. -Душанбе, 1983. саҳ.
2.М.Истамова. Методикаи таълими забони точикӣ-Самарқанд, 2003;
3.С.Аслиддинов, С.Иброҳимов. Таҳлили забони модарӣ дар синфҳои IV-VIII (Дастури методӣ)- Самарқанд, 1987.
4.М. Исрофилов. Дарсҳои забони точикӣ дар синфи IX. -Душанбе, 1992;
5.Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий -ўқув методлари- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.

**Воситаҳои асосии таълими забони модарӣ.**

**Адабиёт**:

1. Давлат таълим стандарти. Тошканд. Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони точикӣ. Тошканд, 2003,(барои синфҳои 5-9);
3. «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
4. М.Истамова Методикаи таълими забони точикӣ. - Самарқанд, 2003;
5. М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикӣ дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
6. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;

**Тадбиқи методҳои интерфаъол дар таълими фанҳои махсус**

**Адабиёт**:

1. М.Истамова Методикаи таълими забони точикй. - Самарқанд, 2003;
2. М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
3. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
4. С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Самарқанд. СамДУ, 2012,васоити таълимӣ-услубӣ.

## Воситаҳои аёнй ва хелҳои он. Тарзи созмони асбобҳои аёнй.

**Адабиёт**:

1.Дастури таълими забони точикӣ. – Тошканд, 2003,(синфи 5-9);
2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». – Тошкент, 1997;
3.М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои V-IX. – Самарқанд, 2006;
4. С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. – Самарқанд: СамДУ.–2012;(васоити таълимӣ-услубӣ)

## Дар асоси усули муаммовӣ гузаронидани дарсҳои фанҳои тахассусӣ дар литсею коллежҳо

**Адабиёт**:

1.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
2.Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
3.С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Самарқанд. СамДУ, 2012;васоити таълимӣ-услубӣ.

## Нақшаи тақвимии мавзўъҳои машғулоти амалӣ аз фанни Методикаи таълими фанҳои махсус

| № | Номгўи мавзўъҳо | соат | муддати ичро | аломати ичро | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Зарурати омўзиши забони модарй ҳамчун фан ва мавқеи он дар системаи фанҳои таълимй. | 2 | | | |
| 2. | Ташкили корҳои таълимй ва шаклҳои асосии фанҳои махсус. | 2 | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **3.** | Мушоҳида ва таҳлили дарси яксоата аз фанҳои тахассусӣ. | **2** | | | |
| **4.** | Воситаҳои асосии таълими забони модарй. | **2** | | | |
| **5.** | Тадбиқи методҳои интерфаъол дар таълими фанҳои махсус. | **2** | | | |
| **6.** | Воситаҳои аёнй ва хелҳои он. Тарзи созмони асбобҳои аёнй. | **2** | | | |
| **7.** | Дар асоси усули муаммовӣ гузаронидани дарсҳои фанҳои тахассусӣ дар литсею коллежҳо | **2** | | | |
| **8.** | Меъёри баҳогузорй ба дониши хонандагон ва тарзи санчиши корҳои хаттӣ. | **2** | | | |
| **Ҷамъ: 16 соат:** | | | | | |

**Тарзи ташкили корҳои мустақилонаи шунавандагони такмили ихтисос ва мазмуни онҳо**

Сари вакт ва пухта ичро намудани корҳои мустақилона талаботи ҷиддист, ки дар асоси он сатҳи дарсазхудкунӣ ва муваффақияти шунаванда муайян мегардад. Устод аз сифати иҷрои кори мустақилона фаҳмида метавонад, ки толиби илм вазифаи тавсияшударо ба кадом дараҷа аз худ кардааст. Дар ҷараёни иҷрои кори мустақилона ба инобат гирифтани шаклҳои зерини кор тавсия карда мешавад.

-дар асоси китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ боб ва мавзӯъҳои фанро аз худ кардан;

- дар асоси материалҳои иловагии пешниҳодшуда қисматҳои маърӯзаро аз худ намудан;
- аз рӯи адабиёти махсус дар болои қисмат ва мавзӯоти фан кор кардан;
- аз услуби таълиму тадриси фаъол ва проблемавӣ истифода бурдан;
- сохтани картотекаҳо аз рӯи адабиётҳои мавчуда.

**Вазифаҳои асосии кори мустақилона:**

- вусъат додани дониш ва амиқ гардондан онҳо;
- ташаккули фаъолияти эҷодии шунавандагон;
- фаро гирифтани услубҳои таълимгирӣ;
- фаҳмиш ва тафаккури мантиқиро инкишоф додан.

**Мазмун ва ҳаҷми корҳои мустақилонаи шунавандагон.**

| | Мавзӯи корҳои мустақилона | Супоришот | муддати ичро | ҳаҷми кор |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Асосҳои илмӣ назарӣ ва ахлоқии таълими забони модарӣ дар мактаб | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 1,2 ҳафта | 4 |
| | Меъёр ва мезонҳои «Стандарти давлатии таълимӣ» барои забони модарӣ ва қисмҳои таркибии он | Хондан, омӯхтан ва маърӯза тайёр намудан | 3, 4,5 ҳафта | 2 |
| | Тарзи тарбиқи дарсҳои забони модарӣ дар чараёни таълим | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 3, 4,5 ҳафта | 2 |
| | Танзими нақшаи кории солона барои синфҳои 5-8 аз фанни забони тоҷикӣ. | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 3, 4,5 ҳафта | 2 |
| | Тарзи санчиши нақли хаттӣ ва меъёри баҳогузорӣ ба он. | иҷрои вазифа | 3, 4,5 ҳафта | 4 |
| | Тарзи санҷиши диктантҳои санҷишӣ. | Иҷрои вазифа | 3, 4,5 ҳафта | 2 |
| | Моделҳои асосии таълими дарсҳои забони тоҷикӣ | Мутоила ва конспект намудан | 3, 4,5 ҳафта | 2 |
| | Мушоҳида ва таҳлили дарс дар таълими забони модарӣ ва тарзи тадбиқи он дар амал | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | | 2 |
| | Тадбиқи методҳои интерфаъол ва технологияи нави педагогӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ. | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 6,7 ҳафта | 2 |
| **0** | Таснифи методҳои таълимии дарсҳои ноанъанавӣ: методҳои намоишдиҳӣ, методи баёни муаммой, методи ҷустуҷӯӣ, аз нав ба хотиррасӣ ва тадқиқотӣ | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 6,7 ҳафта | 2 |
| 1 | Моҳияти таълими курси «Фонетика» дар мактабҳои миёна. Принсипҳои асосии таълими фонетика дар синфҳои поёнӣ (V-VI) ва таркиби овозҳои он | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 6,7 ҳафта | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2 | Таркиби таҳлили фонетикӣ дар синфи V. Намунаи таҳлил. Роҳҳои дурусти таълими он дар мактаб | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 6,7 ҳафта | 2 |
| 3 | Лексика ва тарзи таълими он дар мактаб. Тартиби таҳлили лексикӣ ва намунаи он. | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 6,7 ҳафта | 2 |
| 4 | Тарзи таълими антоним, синоним, омоним ва паронимҳо, калимаҳои сермаъно ва тарзҳои корбарӣ аз луғатҳои тафсирӣ, комусӣ, эзоҳӣ, этимологӣ, синонимӣ, омонимӣ, антономӣ | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 10, 11,12 ҳафта | 2 |
| 5 | Таълими боби «Морфология» дар илми забоншиносӣ ва мақсаду моҳияти он | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 10, 11,12 ҳафта | 2 |
| 6 | Тарзи таълими ҳиссаҳои нутқ аз фанни забони модарӣ, роҳҳои махсуси омӯзиши ҳиссаҳои номӣ. Вазифаи синтаксисии калимаҳо дар таълими забони модарӣ | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 10, 11,12 ҳафта | 2 |
| 7 | Тарзи таҳлили ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ аз фанни забони модарӣ ва тадбиқи он | Муқоиса кардан, тадқиқ намудан. | 13, 14 ҳафта | 2 |
| 8 | Тарзи таълими боби «Синтаксис» аз фанни забони тоҷикӣ дар мактаб | Конспект намудан | 13, 14 ҳафта | 2 |
| 9 | Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз фанни забони модарӣ | Омӯхтан ва маърӯза тайёр намудан | 13, 14 ҳафта | 2 |
| **0** | Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз фанни забони модарӣ | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 15, 16 ҳафта | 2 |
| 1 | Тарзи таҳлили синтаксисӣ ва намунаи он аз фанни забони модарӣ | Тадқиқи масъала ва иҷрои вазифа | 15, 16 ҳафта | 2 |
| 2 | Баён ва тарзи ташкили он. Меъёр ва мезони баҳо ба корҳои хаттӣ аз фанни забони модарӣ | Конспект намудан ва иҷрои вазифа | 15, 16 ҳафта | 2 |
| **ҶАМЪ:30** | | | | |

**Воситаҳои дидактикӣ**

Дар ҷараёни таълими фанни мазкур истифодаи воситаҳои ахбори замонавӣ ва технологияи нави педагогӣ тақозо карда мешавад. Таълими фанни мазкур тавассути усулҳои анъанавии тадрис ва таҷрибаҳои нави дар соҳаи таълим мавҷуда, аз қабили саволу ҷавоб бо усули тест, муқоиса намудани асарҳо ва ё симоҳои ҷудогона бо асарҳо ва ё нақшҳои ба магистрон аз адабиёти тоҷик ва ё ўзбек шинос; ёдрас намудани лаҳзаҳо аз филмҳо, намоишномаҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ, аз қабили видео ва аудиотехника, видеопроекторҳо, таҷҳизоти аудио ва видео, компютер ва мултимедияҳо, ба воситаи методҳои наву ноанъанавӣ, усулҳои интерфаъол ва ғайраҳо амалӣ мегардад.

Тавсияҳо дар бораи ташкили ҷараёни таълим ва гузаронидани он

Дар баробари ҳамин ҳини таълими фанни мазкур аз технологияи нави педагогӣ, васоити ахборӣ- коммуникатсионӣ, сайтҳои интернет, блогҳои интернетӣ истифода бурдан дар назар дошта мешавад.

- ҳангоми таълими ин фан дар соатҳои маърўзавӣ истифодаи компютерҳои замонавӣ, технологияҳои нави презентатсионӣ ва демонстратсионӣ - электронӣ-дидактикӣ истифода мегардад.

- дар ҷараёни таълими фанни мазкур аз методҳои интерфаъол; аз қабили ҳуҷуми ақлӣ, тафаккури гурўҳӣ, пинборд, конференсия, мулоқот, мунозара, баҳсҳои гурўҳӣ, муҳокима тавассути маводҳои иллустратсионӣ ва демонстратсионӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

- ҳангоми таълими фанни мазкур ва гузаронидани машғулотҳои семинарӣ дар байни магистргон ташкил кардани мусоҳибаҳо, коллоквиум, мусобиқа, баҳсу мунозираҳо дар назар дошта мешавад.

**Рўйхати адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ**


1. Кадрлар тайёрлаш миллий дастури «Баркамол авлод - Ўзбекистон тараккиётининг пойдевори». Тошкент, «Шарк», 1997.
2. Дастури таълими забон (барои синфҳои У-1Х) Тошкент: 2003
3. Давлат таълим стандарти. Маърифат. - Тошкент, 1998, 13 май.
4. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
5. М.Истамова. Методикаи таълили забони точикй. Самарқанд, 2003.
6. М.Истамова «Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-XIX» Самарқанд, 2006
7. М.Қурбонов, Д.Ҳўжаев, М.Исрофилов. Дарсҳои забони тоҷикй дар синфи 9. – Душанбе: «Маориф», 1992.
8. С.Ҳочиев. Масъалаҳои муҳими таълими забони модарй дар синфҳои 4-8. – Душанбе: нашриёти «Маориф», 1987.

**9.** С.Хўжақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Самарқанд: СамДУ, 2007 (СамДУ Ziyo Net)
**10.** С.Хўжақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. Самарқанд, СамДУ, 2012.
11. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий -ўқув методлари - Тошкент: 2004. Иккинчи бўлим.
12. Хочаев И. Методикаи мухтасари забони точики. Д.: Дониш, 1995.

***Адабиёти иловагӣ***

1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.
4. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”-ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
5. Шукуров М. Забони мо – хастии мо. Д.: Ирфон, 1994;
6. Ғаффуров Р. Нависанда ва забон. Д.: Дониш, 1977;
7. Ф.Морозова, Б.Зайнутдинова. Сборник упрожнения по орфографии и пунктуации. Д.: Маориф, 1987.

**Адабиёти электронӣ:**

1. isbn.tj›books…t…zaboni-adabii-hozirai-tochik.html
2. lip.ucoz.com/index/khusravi_de_lav/0-51
3. omuzgor.mail.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf…
4. www. ZiyoNet.uz
5. www. edu.uz

www. wikpedia.uz

## II. ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ МОДУЛ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРФАЪОЛ

Маҷмуаи таълимӣ барои такмил ва инкишофи ҷараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омӯхтани фанҳои тахассусӣ, ташаккули таҷриба ва малакаи эҷодии толибилмон, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагонӣ арзишманд хоҳад буд.

Дастури таълимии «Методикаи таълими адабиёт» ба тадриси масъалаҳои назарии нисбатан осони илми адабиёт бахшида шудааст. Дар ҷараёни таълим ба хусусиятҳои умумии адабиёти бадеӣ, масъалаҳои ягонагии шаклу мазмун, образ ва образнокӣ забони асари бадеӣ, санъатҳои сухан, ҷинсу жанрҳои адабӣ ва дигарҳо эҳтибори ҷудогона дода шудааст. Инчунин дар чараёни таълими фан ба дарачаи омӯзиши он аз чониби олимони точик, дохил шудани масъалаҳои зарурии ин фан дар барномаҳои таълимии адабиёти мактабҳои точикӣ дар назар дошта мешавад.

Адабиёт мактаби одамият аст. Маънавиёти баланд дар ҳаёт ба воситаи адабиёт ва донистани қонуниятҳои назарии он ба даст меояд. Аз ин рӯ, таълими ин фан донишчӯро водор менамояд, ки дар асоси баррасии масъалаҳои назарии адабӣ асарҳои чудогонаро дуруст таҳлил намояд, ба масъалаҳои эчоди бадей, аз қабили маҳорат, бадеият дуруст сарфаҳм равад, арзиши ғоявию бадеии асари бадей ва бо ин роҳ ҳунари эчодии суханварро дуруст муайян кунад. Дар дарсҳои анъанавӣ, ки муаллим дар маркази диққат аст, асосан методҳои зерин истифода бурда мешавад. ***Методи даҳонӣ - шифоҳии таълим*** (маърӯза, нақл, сӯҳбат, қироат, ҳикоя ва ғ.) роҳи аз ҳама соддаи мулоқоти инсон аст. Ин услуб дар таълим ҳангоми баёни таъриф ё худ дар баёни шифоҳии мазмуни мухтасар ва мавзӯи мушаххаси мавзӯи дарс истифода бурда мешавад. Методи мазкур дар давоми 40 дақиқа ва ё зиёда аз он баргузор мегардад ва дар ҷараёни дарс иштироки хонандагонро маҳдуд мегардонад. Дар ин метод танҳо қобилияти шунавоии хонандагон ташаккул меёбад.

**Истифодаи васоити тасвирӣ-илюстративӣ** ҳангоми таълим. Тавассути ин метод маълумот ба тарзи тасвирӣ ва ё ба воситаи символҳо, аломатҳо, фигураҳо расонида мешавад. Он ба воситаи тахта, тахтаи махсуси сафед, флипчарт, тасвири видеопроектор, кодоскоп, графикҳои компютерӣ, тахтаи магнитӣ, суратҳо, расмҳои ранга, ҷадвалҳо, диограммаҳо амалӣ мегардад.

**Тарзи намоишдиҳӣ - демонстрация.** Муаллим тавассути ҳаракат ва дар асоси истифодаи асбобҳои махсус, предмет ё дигар васоитҳо

вобаста ба маводи таълим дарси намоишӣ мегузаронад. Дар он қобилияти биноии хонанда такмил дода мешавад.

Методҳои анъанавии таълим – методҳои шифоҳӣ

Маърӯза аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, сохт ва структураи муайян дорад ва дар асоси фикрҳои амиқу дақиқ, мулоҳизоти бодалелу асоснок, дар асоси нутқи равону фасеҳ ва фаҳмо амалӣ гардида, характери дастурдиҳӣ, раҳнамоӣ, раҳнамунӣ ва тарбиявию таълимиро соҳиб аст.

Сӯҳбат гуфтугӯи ҷоннок ва зиндаи таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар дарси адабиёт бобати масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва паҳлӯҳои гуногуни осори бадеӣ сӯҳбат аст ва асосу ҷавҳари онро саволу ҷавоб ташкил менамояд.

Нақл аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, мазмуни мухтасар ва ё муфассали асари бадеиро дар асоси мураттабии фикр ва ифоданок баён кардан аст. Нақл аз рӯи шакл ва ҳаҷм ду навъ дорад: нақли мухтасар ва нақли муфассал.

Қироат хониши ифоданок ва бадеию оҳангноки порчаи муайяни асари бадеӣ ба тариқи эмотсионалӣ дар асоси фаҳмиши моҳияту мазмуни амиқи асар қироат ва ё тиловати асари бадеӣ ном дорад.

Маърӯза методе мебошад, ки дар таълими асарҳои бадеӣ асосан дар синфҳои болоӣ истифода мешавад. Аксари муаллимони адабиёт онро бештар дар мавридҳое истифода мебаранд, ки агар маводи таълимӣ дар китоби дарсӣ набошад. Дар ин сурат онҳо дар асоси маърӯза ба хонандагон конспект медиҳанд.

Машғулоти амалӣ. Муаллим ҳангоми ташаккул додани маҳорат ва малакаи шогирдон ва барои дар амал татбиқ намудани дониши назарии хонандагон аз методи мазкур истифода мебарад. Методи мазкур бинобар аз доираи фардӣ расмӣ-анъанавӣ баромадан истифода бурда мешавад.

Методи "баҳсу мунозир а". Гурӯҳи хонандагонро ба ду ва ё зиёда қисмҳо тақсим намуда, дар асоси ягон мавзӯъ ва ё масъала баҳсу мунозира ва ё радду бадали фикру мулоҳиза ташкил намудан мумкин аст. Масъала бояд тавре гузориш ёбад, ки дар он нуктаи муноқишавӣ ва баҳспазир мавҷуд бошад. Методи тадқиқот Нуқтаи баландтарини азхудкунӣ буда, аз рӯи фанни адабиёт ҳангоми омӯхтани курси таърихи адабиёт, дар синфҳои болоӣ истифода бурдан мумкин аст. Методи мазкурро муаллим мувофиқи хоҳиши худ, дар баррасии ягон муаммо ва ё мушкилоти хурде, ки ҳоло омӯхта нашудааст ва хонандагон имконият ва қобилияти дар ин бобат тадқиқот бурдан доранд. Бозиҳои саҳнавӣ. Иҷрои роли муайян дар ҷараёни дарс. Ин услуб аз намунаи методҳоест, ки дар он ба ҷои материали матнӣ саҳнаи муайяни ҳаётӣ дар асоси мавзӯи дарс иҷро карда мешавад. Методи мазкур аз методҳои асосии дарси моделизацияшуда аст. Методи "лоиҳа" Методи мазкур барои муайян кардани арзиши донишу маҳорат, дараҷаи илмнокӣ ва дараҷаи азхудкунии хонандагон истифода бурда мешавад. Муаллим дар ин метод ҳангоми ба лоиҳа гирифтани мавзӯъ ё ҳалли мушкилот, танзими нақшаи мавзӯъ, таҳлилу муҳокимаи он, баҳогузорӣ ба амалиёти

хонанда иштирок мекунад. Методи мазкур ҳангоми таҳлили осори бадей, тарҳи нақшаҳои муайян аз рӯи асари бадеии мутолиашаванда, таҳлили асари бадей аз ҷиҳати сужети муайян, таҳлили асари бадей тибқи образҳо, таълим ва таҳлили асарҳои драмавй метавонад истифода барад. Методи омӯзиши мустақи-лона. Методи мазкур барои такмилу ташаккули қобилияти мустақилона ва барои ба тарзи фардй аз бар намудани маводи таълимӣ, барои такмили малакаи бо китоби дарсӣ сару кор кардани хонанда истифода бурда мешавад. Ҳар як хонанда ба тарзи алоҳида ёки умумӣ фаъолият менамояд. Муаллим ба амалиёт ва фаъолияти хонандагон дахолат накарда аз берун дар асоси бунёди муносибати акс онҳоро роҳнамун месозад ва ба онҳо дастурҳои муайян медиҳад. «Пинборд» Пинборд калимаи англисӣ буда, «pin» – мустаҳкам намудан, «board» – тахтаи синф аст. Методи мазкур шакли хаттии методи «ҳуҷуми ақлӣ» буда, бобати масъалаи муаммоӣ фикр ва мулоҳизоти хонандагон дар коғазҳои хурд нависонда мешавад ва онҳо дар тахтаи синф часпонида мешаванд. Баъд аз ин як-як ҷавобҳо хонда вобаста ба дараҷаи дурустӣ ва нодурустиашон пай дар пай ҷойгир карда мешаванд. Методи мазкур барои инкишофи қобилияти муҳокимаронӣ, такмили ҳисси биноии хонандагон муҳим аст. Тренинг Дар асоси дониши хонандаи фард ё гурӯҳи хонандагон ба роҳ мондани ҷараёни таълим. – Дар асоси ин услуб хонандагон аз рӯи мавзӯи муайян ё муаммову масъалаи маълум бо ҳамдигар ахборот медиҳанд, радду бадали фикр менамоянд ва донишу илми худро тавассути ахбороти мадиду кӯтоҳ бо дигарон ба ҳам мебинанд. Бо луғат кор кардан (диктант) Шакли назорати ҷории муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон аст. Одатан дар муддати мадид (кӯтоҳ) гузаронида мешавад. Ин навъи машғулот бо мақсади муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон бобати мафҳумҳо, истилоҳот ва шарҳу тавзеҳи нуктаҳову луғатҳо арзиши хос дорад. *Конференция* – як навъи назорати марравӣ буда, асосан, дар давоми чорякҳо ё худ дар давоми соли хониш бамаврид гузаронида мешавад. Конференцияро дар асоси фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида аз фанни адабтёт гузаронидан мумкин аст. Ташкили конференсияҳо аз муаллими фан эътибори махсусро тақозо менамояд,, зеро ҳар як анҷумани илмӣ мақсад ва мароми муайян бояд дошта бошад. Чархфалак. Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

Референдум Дар давоми дарс муаллим вазъияти баҳснокро ба вуҷуд меоварад ва онро идора менамояд. Дар ин шакли дарс фикру мулоҳизоти баҳспазири тарафҳоро ба овоз мондан, бобати ҳар як фикри манзургашта муқобилҳо, тарафдорон ва бетарафҳоро муайян кардан, шунидани далелу фикрҳо ва фактҳои тарафҳо, боз ба овоз мондани ҷавобҳо ва хулоса намудани мавзӯъ ва масъала ҷузъи муҳим аст.

Мулоқоти ҷуфт Бобати мавзӯъҳои ҷудогона ба ҳамдигар мулоқот кунонидани хонандагони ҳамнишин ва шунидани баъзе фикру мулоҳизоти онҳо аст. Дар ин метод муҳокимаи тарафайн ва рангорангии фикри ду хонанда, рақобат ва дар айни замон мусобиқаи донишомӯзиро падид меорад. Чархфалак. Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

«Ҳуҷуми ақлӣ» Методи «ҳуҷуми ақлӣ» бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, ва илмии хонандагон барои дар гурӯҳҳо ҳал кардани масъалаи эҷодӣ, нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ, интихоби саҳеҳтарин ва муҳимтарин роҳи ҳалли муаммо ва мушкилот, масъалаи ҷудогонаи эҷодӣ – илмӣ ва падид овардани ғояҳо, фаразҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, дар бораи мавзӯи мавриди назар истифода бурда мешавад.

# Ш. МАТЕРИАЛҲОИ НАЗАРӢ

## М*авзӯи 1.* ТАФАККУРИ НАВИ ПЕДАГОГӢ (2-соат)

**Нуктаҳои асосӣ:**

1. *Заруриятҳои асосии омӯзиши илму дониш дар шароити имрӯза.*
2. *Ҷараёни таълим ва моҳияти он.*
3. *Мавқеи таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим.*
4. *Шахсияти хонанда ва муҳимияти ба инобат гирифтани он дар ҷараёни таълим.*
5. *Роҳҳои асосии тадбтқи ҷараёни таълим дар мактабҳри таълими ҳамагонӣ.*
6. *Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он.*
7. *Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.*

**Фикрҳои муқаддимавӣ**

Дар асоси методологияи нави таълим ва тафаккури нави педагогӣ, ба вазифаҳои асосии муаллим, дар омӯхтани донишҳои нав, ҳамчунин ба самти муайян роҳнамун сохтани таълимгиранда, такмили дониши ӯ равона карда мешавад. Зеро инсон дар асоси заруриятҳои табиӣ ва обективӣ барои донишомӯзӣ кӯшиш мекунад. Аз ин мавқеъ дар Ӯзбекистон ба вучуд омадани чунин падидаи тоза ва дар ситемаи таълим роиҷ гардидани он амри воқей ва муҷиб аст. Зеро бо тақозо ва талаботи шароити нави ҷамъиятӣ, дигаргун шудани тафаккуроти инсон, моҳиятан гаравидани таълим ба тарбияи инсони комили ҷамъият, тезонидани сурати таълим, афзудани сифати он ҳамчунин ислоҳотҳои тозае, ки дар ин самт дар микёси Республика ба вуҷуд омадаанд зимнан дар асоси ҳамин падидаҳои нав, ислоҳотҳои ҷадид арзи вучуд кард.

**Заруриятҳои табиӣ ва объективии инсон дар шароити имрӯза барои омӯзиши илму дониш:**

*а ). Аз бар намудани мероси адабӣ илмии ниёгон*

*б). Эҳтиёҷоти табиӣ барои донишомӯзӣ.*

*в).Хоҳиши ҷиддӣ барои гирифтани маълумотҳои нав.*

*г).Кӯшиш намудан барои дарки навгониҳои ҳаёт.*

*д).Барои комёбиҳои шахсӣ (манфиати шахсӣ).*

*е)Барои дарки фарқияти аҷсоми (ҷисмҳо) ва падидаҳои боарзиш аз беарзиш.*

*ё). Барои рақобат дар ҳаёт.*

*ж). Бароитаъмини рӯзгор ва зиндагӣ.*

*з). Барои кушодани тилсимоти ҳастӣ.*

Дарҳақиқат, дар шароити имрӯза мероси адабии ниёгон ва аҷдодону гузаштагонро аз бар накарда, дар бораи масъалаҳои муҳимтарини рӯзгор маълумот пайдо намудан корест,

муҳол. Аз ин мавқеъ, сарвари мамлакат И.Каримов дуруст қайд намудааст, ки «Бе хотираи гузашта ояндаро тасаввур намудан мумкин нест»

**Функсияи инсон дар ҷараёни таълим:** Барои барқарор намудани ин омилҳо инсон бояд илму дониши мавҷуда ва дониши нави ташаккулёфтаистодаи замонавиро аз бар намояд. Дар ҳолати аввал дониши мавҷуда аз бар карда мешавад ва дар ҳолати дуввум дониши инсон дар асоси ахбори нав такмил дода мешавад. Ин ҳама дар ҷараёни таълим амалӣ мегардад.

***Ҷараёни таълим*** – таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандӯзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад.

**Ҷараёни таълим** равишест, ки дар он дониш, қобилияти шахсӣ-модарзодӣ ва таҷрибаву малака зина ба зина, тадриҷан афзуда мешавад ва вусъат меёбад. Дар асоси принципи роҳнамой-дастурдиҳӣ ин ҷараёнро тезонидан мумкин аст, ки вазифаи муҳими муаллим аст.




**Хусусият ва фазилатҳои муҳимтарини муаллим дар ҷараёни таълим:**

*а). Бо донишҳои мукаммал мусаллаҳ бошад;*

*б). Ба таҷрибаи ҳаётӣ соҳиб бошад;*

*в).Масъала ва муаммоҳоро дар асоси фикрҳои шахсии худ (нисбат ба таълимгиранда) дақиқтар ва амиқтар кушода дода тавонад.*

*г).Аз тамоми ҳиссиёти хонандаба тaври самаранок истифода бурдан ва онҳоро бамаврид кор фармуда тавонистан. (Дидан, шунидан, бӯ кардан, таъм фааҳмидан, палмосидан).*

*д).Хонандаро аз дониши маълум (муайян) то ба дониши номаълум (номуайян) зина ба зина пеш барад.*

*е). Дониши нав ва маълумоти нав бояд бо оҳистагӣ, ба тарзи тадриҷӣ расонида шавад.*

*ё).Дар ҳама гуна шароит дониши қаблии хонанда бояд ба инобат гирифта шавад.*

*ж)Зеро санъату маҳорати таълимдиҳии муаллим вобаста ба дараҷаи донишқабулкунии хонанда ва сатҳи дараҷаи дониши ӯ муайян карда мешавад, на баръакс!*

**Муаллими ҳар як фан ҳини тадрис ва ҳангоми таълимдиҳӣ хусусиятҳои зерини талабаро бояд ба эътибор гирад, ки баҳри самарабахшии ҷараёни таълим зарур аст:**

а). Таҷрибаи ҳаётии муайян надоштани хонанда;

б). Комилан қобилият ва имконияти ҳалли муаммоҳоро ҳоло пурра надоштани хрнанда;

в). Бобати воқеият маълумоти мукаммал надоштани ӯ;

г). Дониши пурра надоштани ӯ;

д). Эҳтиёҷи зиёд доштани ӯ барои омӯхтани дониш;

е). Маҳдудии фаолияти мустақилонаи талаба;

ё). Дар андӯхтани илм ба кӯмаки муаллим мӯҳтоҷ будани ӯ ва ғайра**.**

Дар ҷараёни таълим ҳиссиёти хонанда ва дуруст истифода бурдани он аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни таълим ҳиссиётҳои инсон чӣ қадар зиёд иштирок намоянд, сурати ҷараёни азхудкунӣ ҳамон қадар тез мегардад. Ин аст, ки методикаи таълими адабиёт ба категория ва тамоюлоти фанни психология дар аксар аз ҳолатҳо такя дорад. Хиссиёти хонандаро дар дарс дар қарори зайл метавон қисмат намуд. (Нигаред ба ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1.**

| | |
|---|---|
| Ҳиссиёт: | Дидан, шунидан, бӯ кардан, таъм ҳис кардан, ҳазм кардан, ламсидан. |
| Идрок намудан: | Дидан ва шунидан: шаклҳоро, рангҳоро, аломатҳоро, ҳаракатро, масофаро, вақтро |
| Дар хотир нигоҳ доштан: | Ба тарзи механикӣ, ба тарзи муҳаррик, образнок, муддати кӯтоҳу дароз ва ихтиёрию беихтиёр, дар сурати тез. |
| Тафаккур: | Анализӣ, синтезӣ, қиёсӣ, мавҳумонидан, ба тарзи умумӣ, классификационӣ ва системанок. |
| Эҷод | Падидаҳои тоза бунёд кардан, кашф намудан, эҷод кардан. |

**Хонандагон аз рӯи хусусиятҳои шахсӣ тақрибан чунин мешаванд.**

1. Экстраверт- хонандагоне, ки ҳиссиёташон ба муҳити беруна равона карда шудааст. Ин гуна хонандагон ҳангоми дарс ҷараёни фаъоли таълимиро, муносибати умумиро (муносибатҳои иҷтимоӣ - вазифаҳои гурӯҳӣ ва машқҳои умумиро) меписанданд ва афзал медонанд. Аксаран дар ин гуна мавридҳо муаллими фан бояд дар асоси методҳои мулоқот, муҳокима, баҳсу мунозира, сӯҳбат, ҳуҷуми ақлӣ, муҳокима дар гурӯҳ ва ғайра метавонад дарси худро созмон бидиҳад.

2. Интроверт – хонандагоне, ки ҳиссиёташон ба муҳити дохилӣ равона карда шудааст. Ин гуна хонандагон дар дарс хониш ё худ таълими индивидуалӣ - фардиро роҳи муфид меҳисобанд. Яъне гӯш кардани маърӯза, хондани китоб, ва иҷрои вазифаҳои хаттиро афзал медонанд. Дар ин маврид бошад истифодаи методҳои маърӯза, методи тадқиқотӣ, машғулоти амалӣ, саволу супориш ва ғайраҳо тавсия карда мешавад.

**Дар бобати аз нав кор кардани ахборот низ хонандагон аз рӯи хусусият ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд:**

а). Баъзе хонандагон нутқи шифоҳӣ - маърӯза ва сӯҳбату муҳокимаро афзал медонанд, ки барои онҳо шунидан ва маърӯзаро конспект намудан маъқул аст.

б). Баъзе хонандагон ***математикаи мантиқиро*** дар идроку қабули ахборот афзал меҳисобанд, ки онҳо майли дар асоси факт ва рақамҳо мулоҳиза рондан доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳар як мулоҳизаашон боасос бошад. Онҳо рақам ва санадҳоро дар хотир хуб нигоҳ дошта метавонанд ва дар асоси санаду рақамҳо, моддаҳо баён кардани фикрро меписанданд. Дар ин гуна шароит аз муаллими фан низ тақозо карда мешавад, ки маърӯзаи хешро низ дар ҳамин тартиб созмон диҳад ва дар ҷараёни дарс низ ба ин ҷиҳат эътибори ҷиддӣ диҳад.

в). Хонандагоне ҳастанд, ки идроки ***визуалӣ*** ё худ фазовиро афзал медонанд. Онҳо донишҳое ё худ маълумотҳоеро ба хубӣ қабул мекунанд, ки дар асоси васоити аёнӣ, нақшаҳои мушаххас, харитаҳои ҷуғрофӣ, харитаҳои терминологӣ, ҷадвалҳо, схемаҳо, графикҳо ва диаграммаҳо дода мешаванд. Барои чунин хонандагон маълумотҳоро ба тариқи ҳаракатҳои тасаввурпазир додан мувофиқи мақсад аст.

г). ***Натуралист:*** ин тоифаи хонандагон табиатро, дунёи наботот ва ҳайвонотро, замин ва сохти онро дӯст медоранд. Дар гӯшаи табиат, ба тарзи дарс-экскурсия гузаронидани дарс барои онҳо муҳим аст, ки аз ин навъи дарс дар таълими фанни адабиёт тадриҷан истифода бурдан муфид аст. Ақаллан барои чунин хонандагон аз табиати зинда мисолҳо овардан, тадбиқи масъалаҳои назарии гузоришёфта дар амал афзалтар аст.

***Ҷараёни таълим ва тарзи тадбиқи он дар амал.***

Хонишу донишомӯзӣ ва ё таълим ҷараёнест, ки дар асоси хоҳиши худи хонанда амалӣ мегардад. Ба хонанда донишро ба тарзи маҷбурӣ додан ва ё расонидан мумкин нест. Муаллим дар ҷараёни таълим шахсест, ки хонандаро рағбатнок менамояд ва ҷараёни амалӣ гаштани таълимро осонтар мекунад.

Муаллим ин ҷараёнро дар қарори зерин метавонад амалӣ гардонад ва самаранокии таълимро таъмин созад.

**Санҷиш ва ислоҳи хатову нуқсон.** Ҳамеша дар ҷараёни таълим санҷиш мавқеи асосӣ дорад ва дар он хатогиҳо низ ҳастанд. Муаллим дар ин гуна ҳолат нисбати камбудии хонанда фавран муносибати хешро бояд зоҳир намояд, зеро хонанда дар асоси гуфтаҳои муаллим нуқсони хешро мунтазам ва ба тарзи тадриҷӣ ислоҳ менамояд. Ин вазъият ҳангоми истифодаи баъзе методҳои интерфаъол истисно ва ғайриимкон буда, муаллим бояд аз ислоҳи хатову нуқсон сарфи назар намояд.

**Амалиёт ва таҷриба.** Тавассути амалиёт ва таҷриба дониши назарӣ мустаҳкам карда мешавад ва услубҳои гуногуни таълим ба роҳ монда мешавад. Амалиёт ҷараёнест, ки дониши назарии хонанда ба воситаи он ҳаётан ба тарзи реалӣ-воқеӣ татбиқ мегардад. Хонанда тавассути он арзиши илму донишро дарк мекунад. Мустақилӣ дар фаъолияти толибилм такмил меёбад. Зеро амалиёти нодуруст натиҷаи нодуруст ва ҳатто баъзан хавфнокро падид меоварад.

**Бо роҳи тақлид намудан.** Тақлид ба муаллим, тақлид ба хонандаи пешқадам, тақлид ба шахси идеалӣ дар ҷараёни таълим ҷузъи муҳим аст. Тақлид ва тақлидкорӣ зинаи муайян ва ё марҳилаи ибтидоии фаъолияти фардӣ-эҷодкорист. Зеро дар ҳаёт идеал, андоза, намуна барин мафҳумҳо ҳастанд ва тақлид ҳам ногузир ҳаст. Аммо масъалаи мазкур ҷиҳати нозукӣ низ дорад. Муаллим бояд дар тафаккури хонанда ғунҷоиш дода тавонад, ки тақлид дар фаъолияти умумии инсон зинаи муайяну марҳилаи гузариш аст. Аслан ҳам тақлид давраи гузариш ва фаъолияти шахсию тафаккури эҷодӣ, алоҳидагию фардии инсон аст.

**Барои таъмини самаранокии дарс муаллим бояд амалиётҳои зеринро иҷро кунад:**

а). Аз рӯи имконият ба дарс ҷалб кардани эътибори тамоми хонандагон:

б). Барқарор нигоҳ доштани донишу малакаи мавҷуда ва тадриҷан такмил додани онро таъмин намояд.

в). Аз додани дониши зиёду бемеъёр ва душвор худдорӣ намояд.

г). Бобати иҷрои мавзӯъҳои амалӣ намоиши хуб (васоити аёнӣ) ва дастури мушаххасу мукаммалро тақдим намояд.

д). Тамоми ташаббус ва муносибати хонандагонро вобаста ба мавзӯи дарс дастгирӣ намояд.

**Дар ҷараёни дарс таъсири ҳамон муаллим зиёд аст, ки хусусиятҳои зеринро доро бошад:**

*а). Дорои малакаи касбӣ бошад;*

*б). Ҳамсӯҳбати хуб бошад;*

*в).Бо шахсияти хонанда ошно бошад;*

*г).Хусусияти психологии хонандаро фаҳмида тавонад ва нисбати онҳо дуруст рафтор кунад;*

*д).Дар ҳар гуна вазъият, босабр бошад ва дар назди хонандагон ба ҳурмат сазовор гардад;*

*е).Ба услуби хоси худ соҳиб бошад;*

*ё).Кушоду озод фикр карда тавонад ва ҳақшиносу ҳуқуқшинос бошад;*

*ж).Нуктаҳои асосиро аз мафҳумоти дуввумдараҷа ҷудо карда гирифта тавонад ва дар дарс ба онҳо эътибори хос диҳад.*

**Ғайри ин меъёру қонуниятҳои ҷараёни таълим барои самарабахш ташкил намудани машғулот ва дарс омилҳои зерин лозиманд.**

а). *Мулоқоти мусбии кушод ва муҳити озоду солим дар дарс.*

*б). Шароити мусоиди синфӣ.*

*в). Вақти муайян барои гузаронидани дарс.*

*г). Тайёрии ҷиддӣ ба дарс;*

*д). Малакаи касбӣ ва зарурӣ барои муаллим;*

*е). Тақдимоти муваффақиятноки маводи таълим;*

*ё). Дар доираи имкон истифодаи васоити аёнӣ ва материалҳои тақсимотӣ, илюстрационӣ ва демонстрационӣ.*

*ж). Рафтори системанок ва ба нақша даровардашуда;*

*з). Барқарор намудани муносибати зинда, ҳоннок ва баръаксу мувофиқ барои хонандагон;*

*и). Таҷрибаи муайян.*

**Савол ва супоришот:**

1. ***Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.***
2. ***Зарурияти таҷдиди тарзи таълим ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.***
3. ***Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими адабиёт дар мактаб.***
4. ***Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.***

**Технологияи таълим ва ҷараёни таълим.** Мақсад ва моҳияти хониш ва ҷараёни таълим дар асоси талаботи стандарти давлатии таълим барои аз бар кардани донишу малака нигаронида шудааст. Таълимгирӣ ва ҷараёни таълим ба тариқи системанок ва ё худ системавӣ ташаккул додани қобилияти маънавӣ ва ақлӣ аст. Таълим тавассути методҳои мухталиф ба роҳ монда мешавад. Дар "Дастури миллии тайёр намудани кадрҳо" ҷорӣ намудани технологияи нави таълим бисёр такрор мегардад. Технологияи таълим чист ва он аз таълими анъанавӣ бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекунад? Ҷараёни таълим кадом аст ва моҳияти он аз чӣ иборат аст? Тафаккури нави педагогӣ чист ва технологияи педагогӣ чӣ моҳияте дорад? Имрӯз ҳамин ва ба ҳамин монанд саволҳои муаммоие мавҷуданд, ки ҳаллу фасл мехоҳанд.

**Дар ҳаёти маданиву иҷтимоии мардум пайдоиши технологияи педагогии таълим ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад.**

*а).Дар замони тараққиёти ҳамҷамъиятии ҷаҳон барои тезонидани ҷараёни таълими аҳолӣ ва таъмини самаранокии он;*

*б).Барои бартараф намудани маҳдудияти фаъолияти муаллим дар ҷараёни хониш;*

*в).Тараққиёт ва пешрафти фан ва техника, афзоиши ахбор ва кам будани вақт;*

*г).Дар ҷамъияти халқӣ зарурати аз тафаккури эмприкӣ ва назарӣ ба тафаккури техникӣ гузаштан;*

*д).Ба ҳаёт тайёр намудани ҷавонон.*

Аз ин мавқеъ омилҳои мазкур боис гардиданд, мутобиқан ба тамаддуни замонавии башарият, дар Ҷумҳурии мо ва дар системаи таълими он бояд ислоҳотҳи ҷиддӣ падид ояд. Технологияи таълим тадбири педагогиест, ки ба тамоми панҷ шарти сабабии болоӣ ҷавоб мегӯяд ва дар системаи таълим чизи нав аст.

Ҷараёни технологияи педагогӣ дар ҳоли ҳозир қариб дар тамоми мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ҷорӣ аст ва он ба дастовардҳои назаррас низ оварда расонид. Имрӯз дар Кореяи Ҷанубӣ таълимот ба тариқи таҷриба дар ҳамин асос ҷорӣ буда, солее аз 50 ҳазор талаба 75 фоизашон дастовардҳои баландтаринро соҳиб мегарданд.

«Технология» – калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) – маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимот аст. Ин ифодаи луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро комилан ифода намекунад. Он танҳо маънии луғавӣ асту халос. Ба маънии томи истилоҳияш мувофиқи гуфтаи олими рус В.Г.Беспалкон «Технологияи педагогӣ лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад».

**Таърифҳо дар бораи мафҳуми технологияи нави таълим**

**В.М.Монахов низ ба технологияи педагогӣ таърифи дуруст медиҳад.** «Технологияи педагогӣ системаи амалҳоест, ки аз аввал ба нақша гирифта шудааст ва он ба натиҷаву дастовардҳои муайян бурда мерасонад ва иҷрои шартии он зарур аст».

«Технологияи педагогӣ ҷараёнест, ки таъсири муаллимро тавассути васоити хониш дар шароити муайян ифода мекунад ва ҳамчун маҳсули ин амал дар ҷараёни таълим ташаккули сифатҳои шахсию фардии хонандагон дар шакли интенсивӣ таҷассум меёбад.»

«Технологияи педагогӣ назари тоза ба ҷараёни таълим буда, дар педагогика идроки иҷтимоӣ-муҳандисист. Он ҷараёни педагогиро дар асоси имконияти техникӣ ва тафаккури техникии инсон дар ҳолати стандартӣ ба тартиб меандозад ва лоиҳаи мукаммали онро аз нав тарҳ месозад».

«Технологияи педагогӣ, дар педагогика фикрронии системанокро ҷорӣ кардан аст, яъне ба ибораи дигар, ҷараёни педагогиро ба сохтуқолаби муайян даровардан аст».

Технологияи таълим сохторест дар барои оптималии моделҳои таълим. Дар он ба ресурс ва имкониятҳои инсону техника, услубҳои махсус, инчунин таъсири байниҳамдигарии онҳо ба инобат гирифта шуда, ҷараёни яклухти хониш ва таълим таъмин карда мешавад. Технологияи таълим

лоиҳаест, ки дар он падид овардани навигарӣ, истифода бурдани дониш ва қудрати эҷодкории хонанда, маҳорат ва малака ҷузъи муҳим аст.

Технологияи таълим сохтори муайяну ба нақшагирифташудаест, ки ба мақсадҳои муайян нигаронида шудааст ва тарзи истифодаи имкониятҳои инсон ва техникаро дар ҷараёни таълим таъмин менамояд.

**Савол ва супоришот:**

***1. Мафҳумит «технологияи педагогӣ» ва «технологияи таълим». Мазмун ва моҳияти ин мафҳумот.***

***2. Омилҳои интишор ва ташаккули технологияи нави таълим дар муассисаҳои таълимӣ.***

***3. Ҷараёни таълим. Сохт ва структураи нави он.***

***4. Тарзи таълими адабиёт ва дигаргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.***

## МОДЕЛҲОИ ДАРСҲОИ НАВУ НОАНЪАНАВӢ.

**Дарси моделизатсияшуда (лоиҳанок)**

Инъикоси содда ва мушаххаси ҳаёти воқеӣ ва реалӣ дар муҳити синф аст ва дар он иштироки шахси хонанда ва фаъолияти вай, муносибати вай муҳимтарин ҷузъи ин шакли дарс аст. Ё худ дарси моделизацияшуда маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки дар он ҳаёти воқеӣ, ҳодисаҳои иҷтимоӣ-табиӣ, ҷараёнҳои иҷтимоии ҳамзамон дар шакли содда ва мушаххасу мӯъҷаз дар муҳити синф барқарор карда мешавад.

**Дарси ҳамкорӣ ва ҳамҷоя** Дарси ҳамкорӣ - аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар он хонандагон ба тарзи мустақил дар гурӯҳҳо фаолият менамоянд. Дарси ҳамкорӣ ё худ дарси хамҷоя маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки дар он фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар гурӯҳҳо бар ивази мустақилона таълим гирифтани онҳо амалӣ мегардад.

**Дарси тадқиқотӣ** – кашфи падидаҳои тоза, ё худ дарси ҷустуҷӯӣ Дарси тадқиқотӣ - аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар асоси он хонандагон ба тарзи мустақилона ба кушодани муаммо ва ё масъалаи муайян кӯшиш менамоянд. Ё худ дарси тадқиқотӣ - маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки хонандагон масъала ва ё муаммои муайянеро тадқиқ менамоянд.

**Хусусиятҳои муҳимтарини модели дарси ноанъанавӣ:** ин модел ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст ва хонанда мавқеи аввалиндараҷа дорад. Ба ибораи дигар дар маркази ин моделҳои таълим шахси хонанда меистад. Мувофиқи тафаккури нави педагогӣ эҳтироми шахсияти хонанда ва ба инобат гирифтани ташаббусоту фаъолияти ӯ яке аз принсипҳои асосӣ ба шумор меравад. Зеро «… касро ҳурмат накарда, шахсияти ӯро эҳтиром нанамуда ӯро омӯхтан ва хусусан тарбия кардан

ҳаргиз имкон надорад.» (М.Раҷабӣ. Ба фикри ман.-Душанбе: Деваштич, 2003. саҳ.-84).

**Афзалиятҳои ин навъҳои дарс аз зеринҳо иборат аст**:

- Шавқу ҳаваси ба хониш доштаи хонанда мунтазам меафзояд.
- Дониши қаблии хонанда ба инобат гирифта мешавад ва ташаккул додани он имконпазир аст.
- Таъмин намудани суръати тезии таълим имкон дорад.
- Ташаббус ва маҷбурияти хонанда дастгирӣ карда мешавад.
- Тавассути амалиёт омӯхтани дарс имкон дорад.
- Ранго-рангии шакли таълим таъмин карда мешавад.
- Шахсияти талаба ташаккул меёбад.
- Мотивация дар байни хонандагон ташаккул дода мешавад.
- Худбаҳодиҳии хонанда ба роҳ монда мешавад.
- Муносибати хонанда бобати мавзӯъ, дарс ва ё фанни махсус меафзояд.
- Тафаккури мустақилона ва озодро дар шахси хонанда таҷассум додан мумкин аст.
- Тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ дар шахсияти хонанда ташаккул дода мешавад.

***Камбудиҳои ин навъи таълим:***

- Вақти бисёрро тақозо менамояд.
- Имконияти назорат намудани тамоми хонандагон маҳдуд мегардад.

Дар омӯхтани материалҳои мураккаб пастии салоҳияти хонанда ва маҳдудии имконияти муаллим ба назар мерасад

**Методҳои асосии модели дарсҳои анъанавӣ.** Дар дарсҳои анъанавӣ, ки муаллим дар маркази диққат аст, асосан методҳои зерин истифода бурда мешавад. ***Методи даҳонӣ - шифоҳии таълим*** (маърӯза, нақл, сӯҳбат, қироат, ҳикоя ва ғ.) роҳи аз ҳама соддаи мулоқоти инсон аст. Ин услуб дар таълим ҳангоми баёни таъриф ё худ дар баёни шифоҳии мазмуни мухтасар ва мавзӯи мушаххаси мавзӯи дарс истифода бурда мешавад. Методи мазкур дар давоми 40 дақиқа ва ё зиёда аз он баргузор мегардад ва дар ҷараёни дарс иштироки хонандагонро маҳдуд мегардонад. Дар ин метод танҳо қобилияти шунавоии хонандагон ташаккул меёбад.

**Истифодаи васоити тасвирӣ-илюстративӣ** ҳангоми таълим. Тавассути ин метод маълумот ба тарзи тасвирӣ ва ё ба воситаи символҳо, аломатҳо, фигураҳо расонида мешавад. Он ба воситаи тахта, тахтаи

махсуси сафед, флипчарт, тасвири видеопроектор, кодоскоп, графикҳои компютерӣ, тахтаи магнитӣ, суратҳо, расмҳои ранга, ҷадвалҳо, диограммаҳо амалӣ мегардад.

**Тарзи намоишдиҳӣ - демонстрация.** Муаллим тавассути ҳаракат ва дар асоси истифодаи асбобҳои махсус, предмет ё дигар васоитҳо вобаста ба маводи таълим дарси намоишӣ мегузаронад. Дар он қобилияти биноии хонанда такмил дода мешавад.

**Методҳои анъанавии таълим – методҳои шифоҳӣ**

Маърўза аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, сохт ва структураи муайян дорад ва дар асоси фикрҳои амиқу дақиқ, мулоҳизоти бодалелу асоснок, дар асоси нутқи равону фасеҳ ва фаҳмо амалӣ гардида, характери дастурдиҳӣ, раҳнамоӣ, раҳнамунӣ ва тарбиявию таълимиро соҳиб аст.

**Сўҳбат** гуфтугўи ҷоннок ва зиндаи таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар дарси адабиёт бобати масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва паҳлўҳои гуногуни осори бадеӣ сўҳбат аст ва асосу ҷавҳари онро саволу ҷавоб ташкил менамояд.

**Нақл** аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, мазмуни мухтасар ва ё муфассали асари бадеиро дар асоси мураттабии фикр ва ифоданок баён кардан аст. Нақл аз рўи шакл ва ҳаҷм ду навъ дорад: нақли мухтасар ва нақли муфассал.

**Қироат** хониши ифоданок ва бадеию оҳангноки порчаи муайяни асари бадеӣ ба тариқи эмотсионалӣ дар асоси фаҳмиши моҳияту мазмуни амиқи асар қироат ва ё тиловати асари бадеӣ ном дорад.

**Маърўза** методе мебошад, ки дар таълими асарҳои бадеӣ асосан дар синфҳои болоӣ истифода мешавад. Аксари муаллимони адабиёт онро бештар дар мавридҳое истифода мебаранд, ки агар маводи таълимӣ дар китоби дарсӣ набошад. Дар ин сурат онҳо дар асоси маърўза ба хонандагон конспект медиҳанд.



Муаллим дар аснои риоя кардани ин метод бояд ба ҳаҷм ва характери мавзӯъҳои таълимӣ эътибори хос диҳад. Ҳар як дарси лексионӣ бояд дорои мақсадҳои муайян бошад. Лексия бояд тарзе гузаронида шавад, ки ҳар як фикри баёншуда ба хонандагон фаҳмо ва диққатҷалбкунандаю *характери дастурию раҳнамунӣ* дошта бошад. Дар давоми 40 дақиқа пурра конспект нависондан нодуруст аст. Бояд дар дарсҳои лексионӣ ҷиҳатҳои асосии мавзӯъ ба эътибор гирифта шавад.Услуби мазкур тавассути нутқи шифоҳӣ амалӣ мегардад ва он услуби расмии асосӣ дар дарси анъанавӣ аст.

**Маърӯза дар ҷараёни таълим афзалиятҳои зеринро дорост:**

*а). Фаҳмонидан ва маълумот додан тавассути эзоҳҳо ва фактҳо ба тарзи рационалӣ (оқилона ва сарфакорона) амалӣ мегардад.*

*б). Мавзӯъ аз лиҳози мазмун ва вақт ба тариқи осон ба нақша гирифта мешавад.*

*в). Аз нуқтаи назари эмоционалӣ имкониятҳои педагогии зиёдро истифода бурдан мумкин аст.*

**Методи мазкур камбудиҳо низ дорад, зеро дар он:**

а). *фаъолии хонанда маҳдуд мегардад;*

*б). дараҷаи азхудкунии хонанда тақрибан муайян карда намешавад.*

**Муаллим бояд барои таъмини самаранокии маърӯзааш ба нуктаҳои зерин эътибор диҳад:**

а). Баёни фикр бо забони содда амалӣ гардад.

б). Мантиқан дуруст ба нақша гирифтани структура (сохтор)-и маърӯза ҳатмист.

в). Фикрро кӯтоҳ ва мӯъҷаз баён кардан лозим аст.

г). Рағбатноккунӣ (стимулҳо) ҳангоми маърӯза шарт аст.

д). Санъати нотиқӣ, равонии нутқ ва дурустии талаффуз барои муаллим ҳатмист.

***Ба тарзи содда баён кардани фикр фазилати муҳимтарини муалими маърӯзакунанда аст.*** ***<u>Фикрро ба тарзи мураккаб ва мавҳум ифода кардан нишонаи зиёӣ ва профессионализмӣ нест!</u>***

**Барои тарзи баёни содда омилҳои зерин заруранд:**

*а). Ба тарзи аёнӣ ифода кардани фикр;*

*б). Бо ҷумлаҳои кӯтоҳ баён кардани фикр;*

*в). Истифодаи калимаҳои оддӣ;*

*г). Фаҳмонидани маънии истилоҳот ва мафҳумҳои мураккабу душворфаҳми нав;*

*д). Истифода набурдани калимаҳои забонҳои дигар ва дар ҳолати истифода бурдан шарҳу тафсири онҳо.*

*е). Истифодаи феълҳои фаъол ва роиҷи забони адабӣ;*

*ж). Ба мавриḍ шарҳ додани истилоҳот ва мафҳумҳои асосии дарс.*

**Ҳангоми маърӯза муаллим бояд ба талаботи зерин риоя намояд**

*а). Маълумотҳо бояд дар шакли пайдарҳамӣ ва ба тариқи тадриҷӣ дода шаванд;*

*б). Барқарор намудани робитаи қисмҳои маърӯза;*

*в). Ба пайдарҳамии мантиқӣ комилан риоя намудан;*

*г). Аз як фикр ба фикри дигар фавран нагузаштан;*

*д). Тафовути мафҳумҳои асосӣ, муҳим ва пурарзиш аз мафҳумҳои дуюмдараҷаву камарзиш;*

*е). Самти фикрронии муайян доштан шарт аст;*

**<u>Сохтори маърӯза дар ҷараёни дарс.</u>**




**<u>Маърӯзакунанда</u> бояд зоҳиран ба талаботи зерин амал кунад.**

**Шаклан қомати** рост ва ба шунавандаҳо нигаронида шуда, ҳаракати озод, бо ду пой мустаҳкам, сари ростдошта бошад, вале он мағрурона набошад.

**Дастони** маърӯзачӣ дар ҳолати озод, ба ду тараф овезон ва ё дар ҳолати аз миён боло ба ҳамдигар пайваст бошанд. Дастҳо бояд тасаввурнок-ифодакор, дорои ҳаракати озоду сокин ва хотирҷамъӣ бошанд.

**Рӯй –** ба шунавандагон нигаронида шуда бошад ва он низ хотирҷамъиро ифода кунад.

**Нигоҳи чашм** – танҳо ба як нафар не, балки ба ҷамъи шунавандагон дар давоми 3-5 сония тағъир пазирад ва ба тарзи самимӣ назар афканад.

**Ҳаракатҳо:** ба тарзи муайян ва мувофиқи мақсад аз як ҷо ба ҷои дигар гузаштан, нишаста хестанҳо бояд кам бошанд, бо хотирҷамъӣ васоити ёрирасонро истифода бурдан, ба даст гирифтан, гоҳ-гоҳ ба тарафи шунавандагон гузаштан мумкин ва мувофиқи мақсад аст.

**Овоз:** бо танаффусҳои муайян (махсусан ҳангоми ҳаракатҳо), сурати оҳиста ва сокин дошта бошад. Бо овози баланду шунаво сухан кардани муаллим шарти муҳим аст.

**Савол ва супоришо:**

1. Принсипҳои таснифоти методҳои дарси анъанавӣ.
2. Афзалияти методҳои шифоҳӣ дар таълими фанни адабиёт дар мактабҳои умумтаълимӣ.
3. Мушаххасоти методҳои маърӯза ва сӯҳбат дар ҷараёни таълими адабиёт.
4. Структураи методи маърӯза ва тағйири сифатии он дар дарсҳои адабиёт.

**Мавзу юзасидан тавсия этиладиган асосий адабиётлар:**

1. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
2. С.Х.Хӯҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.
3. Т.Миров, Қ.Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1991.

## IV. МАШҒУЛОТИ АМАЛИИ

### *1.* Тарзи татбиқи моделҳои нави дарс ва методҳои интерфаъол дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи моделҳои наву ноанъанавии дарс дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи модел ва методҳои ноанъанавии дарс.

8. **Гузоришоти масъала:** Зарурриятҳои асосии омӯзиши илму дониш дар шароити имрӯза. Ҷараёни таълим ва моҳтяти он. Мавқеи таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим. Шахсияти хонанда ва муҳимияти ба инобат гирифтани он дар ҷараёни таълим. Роҳҳои асосии тадбтқи ҷараёни таълим дар мактабҳри таълими ҳамагонӣ. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Аз шунавандагон ҳаллу фасл ва кушода мазмун ва моҳияти моделҳои анъанавӣ ва ноанъанавии дарс, афзалият ва нуқсонҳои асосии моделҳои дарс ва мушкилот дар ин самти кор.

**Саволҳои назоратӣ**

1. Мафҳуми «технологияи педагогӣ» ва « технологияи таълим». Мазмун ва моҳияти ин мафҳумот.
2. Омилҳои интишор ва ташаккули технологияи нави таълим дар муассисаҳои таълимӣ.
3. Ҷараёни таълим. Сохт ва структураи нави он.
4. Тарзи таълими адабиёт ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.
5. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.
6. Зарурияти таҷдиди тарзи таълим ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
7. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими адабиёт дар мактаб.
8. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.

**Адабиёт:**


4. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
5. С.Х.Хўҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.

6. Т.Миров, Қ.Хочаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. - Душанбе: Мориф, 1991.

**Сайтҳои интернет:**

**http://www.skachatreferat.ru/**
tg.wikipedia.org› Абдурахмон Чомӣ
http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid
http://dic.academic.ru/
http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...

### *Машғулоти амалии 1.* Сохт ва структураи тарҳи маърӯза ва машғулотҳои амалӣ дар асоси технологияи нави таълим

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи моделҳои наву ноанъанавии дарс, тарҳ ва сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи маърӯза ва ба инобат гирифтани сохтори нави он, маърӯзаҳои бинарӣ ва вебинарӣ.

**Гузоришоти масъала:** Сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълим, тамоюлоти асосии тарҳи маърӯзаҳо ва машғулоти амалӣ, татбиқи технологияи нави таълим дар ҷараёни маърӯза ва машғулотҳои амалӣ, маърӯзакунанда ва талаботи асосӣ ба маърӯзакунандаҳо. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Барои шунавандагон нишон додани тарҳи навини маърӯза ва шаклҳои инноватсионии он, тарҳи маърӯзаҳои шифоҳӣ, бинарӣ ва вебинарӣ.

**Саволҳои назоратӣ**

9. Тарзи таълими забон ва адабиёт ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.
10. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.
11. Зарурияти таҷдиди тарзи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
12. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ.
13. Тайёрӣ ба тарзи таълими масофавӣ. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.

**Адабиёт:**

7. Т.Миров, Қ. Хочаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе: Маориф,1991.

8. Т.Миров. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.
9. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
10. Й. Юнусов. Педагогика – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. 380 саҳ.
11. С.Х.Хўҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.

**Сайтҳои интернет:**

**http://www.skachatreferat.ru/**

tg.wikipedia.org› Абдурахмон Чомй

http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid

http://dic.academic.ru/

http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...

## V. ГЛОССАРИЙ

| Термин | Тожик тилидаги шархи |
|---|---|
| **Технология** | «Технология» – калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) – маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимот аст. Ин ифодаи луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро комилан ифода намекунад. «Технологияи педагогӣ лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад». |
| ***Ҷараёни таълим*** | Таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандӯзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад. . |
| **Ҳиссиёт:** | Дидан, шунидан, бӯ кардан, таъм ҳис кардан, ҳазм кардан, ламсидан. |
| **Идрок намудан:** | Дидан ва шунидан: шаклҳоро, рангҳоро, аломатҳоро, ҳаракатро, масофаро, вақтро |
| **Дар хотир нигоҳ доштан:** | Ба тарзи механикӣ, ба тарзи муҳаррик, образнок, муддати кӯтоҳу дароз ва ихтиёрию беихтиёр, дар сурати тез. |
| **Тафаккур:** | Анализӣ, синтезӣ, қиёсӣ, мавҳумонидан, ба тарзи умумӣ, классификационӣ ва системанок. |
| **Эҷод** | Падидаҳои тоза бунёд кардан, кашф намудан, эҷод кардан. |
| **Экстраверт** | Гурӯҳи хонандагоне, ки ҳиссиёташон ба муҳити беруна равона карда шудааст. Ин гуна хонандагон ҳангоми дарс ҷараёни фаъоли таълимиро, муносибати умумиро (муносибатҳои иҷтимоӣ - вазифаҳои гурӯҳӣ ва машқҳои умумиро) меписанданд ва афзал медонанд. |
| **Интроверт** | Гурӯҳи хонандагоне, ки ҳиссиёташон ба муҳити дохилӣ равона карда шудааст. Ин гуна хонандагон дар дарс хониш ё худ таълими индивидуалӣ - фардиро роҳи муфид меҳисобанд. Яъне гӯш кардани маърӯза, хондани китоб, ва иҷрои вазифаҳои хаттиро афзал медонанд. |
| **Натуралист:** | Ин тоифаи хонандагон табиатро, дунёи наботот ва ҳайвонотро, замин ва сохти онро дӯст медоранд. Дар гӯшаи табиат, ба тарзи дарс-экскурсия гузаронидани дарс барои онҳо муҳим аст, ки аз ин навъи дарс дар таълими фанни адабиёт тадриҷан истифода бурдан муфид аст. |

**ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИ ЎҚИТИШ УСЛУБИЁТИ**

| Тест топшириғи | Тўғри жавоб | Муқобил жавоб | Муқобил жавоб | Муқобил жавоб |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| **Методика чист ва маънои луғавии онро шарҳ диҳед.** | *Методика илми хусусӣ ва соҳавӣ буда, ба таълиму тарбияи инсон нигаронида шудааст ва маънои он роҳ, равиш, услуб, усулро дорад. | Методика як соҳаи таълим аст. | Методика услуби махсуси таълим аст. | Методика илми хусусӣ ва соҳибӣ буда, ба таълиму тарбияи инсон нигаронида шудааст. |
| **Методика чист? Ҷавоби дурустро нишон диҳед.** | *Ҳама ҷавобҳо дурустанд. | Методика ҷамъи усулҳо, роҳҳои ба таври амалӣ иҷро кардани ягон корро ифода мекунад | Методика тамоюли иҷрои кор ё ягон амалро ифода мекунад.. | Методика тарз ва усули аз дастури таълимӣ истифода бурданро муайян мекунад ва барои омӯзгорон роҳи самарабахши усули дарсдиҳиро нишон медиҳад. |
| **Ҷавоб и мушаххас ва мантиқан дурусти маънои истилоҳии методикаи таълимро нишон диҳед.** | *Методика принцип ва дастурест, ки муаллим ҳангоми дарс аз он истифода мебарад ва ҳангоми дарс он муносибати ҳамдигарии муаллим, хонанда ва маводи таълимист. | Методика метод-роҳ ва усули таълим аст. | Методика дастур ва принципҳои дарсгузарӣ аст. | Методика усули оқилона истифодабарӣ аз китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ аст. |
| **Мақсад ва вазифаи асосии методикаи таълими адабиёт кадам аст?** | *Методикаи таълими адабиёт дастурест, ки ниёз ва эҳтиёҷоти муайяни талабаро бояд қонеъ гардонад ва роҳи аз ҳама самарабахши маводи адабиро нишон диҳад. | Омӯзиши дурустии маводи таълий ва нишон додани роҳҳои дурусти он. | Омӯзиши материалҳои гуногунии адабӣ (таърихи адабиёт, назария, таҳлил ва таҳқиқи асарҳои бадеӣ). | Таъмин намудани босаводию бомаърифатии шогирдон. |
| **Асосгузори методикаи таълим ва поягузори қонуну қавоиди он кист?** | *М. Э Дюнӣ. | В. Н. Шулгин. | М. В. Крупенина. | Б. Г. Итнатев. |
| **Алоқаи фанни методикаро бо фанҳои дигар муайян кунед.** | *Ҳама ҷавобҳо дурустанд. | Педагогика ва психология. | Назарияи адабиёт ва таърихи адабиёт. | Этика ва эстетика, ҷамъиятшиносӣ ва услубшиносӣ. |
| **Принципҳои асосии танзими китобҳои дарсиро нишон диҳед.** | *Аз содда ба мураккаб гузаштан, пайдарҳамӣ, дастрасӣ, ба инобат гирифтани | Аз содда ба мураккаб гузаштан, пайдарҳамӣ. | Пайдарҳамӣ, дастрасӣ, таърихӣ. | Дастрасӣ, аз содда ба мураккаб гузаштан. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хусусиятҳои синнусолӣ. | | | |
| **Тафаккури нави педагогӣ ва тамоюлоти асосии онро нишон диҳед.** | *Зарурати обективӣ ва табиии инсон барои омӯзиши илму дониш. | Моҳияти нави чараёни таълим. | Мавкеи таълимгиранда ва таълимдиҳанда дар чараёни таълим . | Ба системаи нави таълим гузаштан ва тачдиди сохту структураи таълим. |
| **Чараёни таълим чист?** | *Таъсири мутақобили таълимгиранда, маводи таълим ва муаллим. | Таъсири мутақобили таълимгиранда ва таълимдиҳанда. | Таъсири мутақобил, муносибати баръакс ва муносибати байниҳамдигарии таълимгиранда ва таълимдиҳанда . | Чараёни таълим сохти умумии таълим аст. |
| **Технологияи таълим чист?** | *Ҳамаи чавобҳо дурустанд. | Структураи муайяни таълим буда, рох ва равиш, тарики омӯзиши маводи таълим аст. | Технологияи таълим дар замони тараккиёти ҳамчамъияти чаҳон барои тезонидани чараёни таълими аҳолӣ ва самаранокии он муҳим аст ва ҳамчунин барои бартараф намудани маҳдудияти фаолияти муаллим. | Технологияи таълим сохтории оптималии гирифтани ресурс ва имкониятҳои инсону техника, усулҳои махсуси таълимӣ ташкил намудани чараёни навигариҳо, ҳосил кардани донишу малака ва ташаккули маҳорат нигаронида шудааст. |
| **Фарқи асосии мафҳуми технологияи таълим аз "технологияи педагогӣ" дар чист?** | *Дар маънои луғавии онҳо. | Дар моҳияти онҳо. | Дар мазмун ва мақсади онҳо. | Дар ҳачми онҳо. |
| **Дар асоси технологияи нави таълим сохти чараёни таълимро муайян намоед.** | *Таълимдиҳанда, шакли таълим, методҳои таълим, воситаҳои таълим, мазмуни таълим, натичаҳои таълим. | Мақсад, мазмун ва моҳияти таълим, маводи таълим, мониторинг, шакли таълим. | Мақсад ва арзиши таълим, таълимгиранда, таълимдиҳанда ва маводи таълим. | Мониторинг, арзишдиҳӣ, натичаи таълим, мазмуни таълим, таълимдиҳанда, хулосаҳо . |
| **Моделҳои таълим кадомҳоянд?** | *Модели анъанавии ва ноанъанавии таълим. | Модели хониш ва дарси моделизацияшуда | Модели тадқиқотӣ, дарси моделизацияшуда, дарси ҳамчоя. | Модели хониш, модели тадқиқотӣ, модели ҳамчоя ва ҳамкорӣ, дарси моделизацияшуда. |

## Саволҳои назоратӣ:

1. *Мафҳуми «технологияи педагогӣ» ва « технологияи таълим». Мазмун ва моҳияти ин мафҳумот.*
2. *Омилҳои интишор ва ташаккули технологияи нави таълим дар муассисаҳои таълимӣ.*
3. *Ҷараёни таълим. Сохт ва структураи нави он.*

4. *Тарзи таълими адабиёт ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.*
5. *Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.*
6. *Зарурияти таҷдиди тарзи таълим ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.*
7. *Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими адабиёт дар мактаб.*
8. *Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.*

**Мавзӯъҳо барои корҳои хатмӣ**

1. *Принсипҳои таснифоти методҳои дарси анъанавӣ.*
2. *Афзалияти методҳои шифоҳӣ дар таълими фанни адабиёт дар мактабҳои умумтаълимӣ.*
3. *Мушаххасоти методҳои маърӯза ва сӯҳбат дар ҷараёни таълими адабиёт.*
4. *Структураи методи маърӯза ва тағйири сифатии он дар дарсҳои адабиёт.*
5. *Моҳият ва мушаххасоти модели дарсҳои ноанъанавӣ ва шаклҳои махсуси он.*
6. *Модели дарси кашфи падидаҳои тоза ва хусусиятҳои муштараки он бо методи тадқиқотӣ.*
7. *Модели дарси лоиҳавӣ дар ҷараёни таълим ва арзиши он.*
8. *Мушкилоти ташкили дарсҳои ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими имрӯза ва тадбиқи он дар дарсҳои адабиёт.*
9. *Мазмун ва моҳияти методҳои интерфаъол ва принсипҳои тадбиқи онҳо дар дарсҳои адабиёт.*
10. *Муаммои масъалагузорӣ дар дарс ва роҳу равиши ҳаллу фасли он дар дарсҳои адабиёт.*
11. *Меъёр ва мавриди истифодаи методҳои наву ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик.*
12. *Афзалият ва нуқсонҳои моделҳои дарси ноанъанавӣ дар шароити имрӯз.*

**МАШҚИ 1.**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Мақсад ва вазифаҳои асосии фанни методикаи таълими адабиёт аз чӣ иборат аст?** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | Мақсади таълимӣ ва тарбиявӣ–такмили ҷаҳон-бинӣ, одобу ахлоқ, руҳияи эстетики толибилм нишон додани аҳамияти таълимию тарби-явии маводи таълим, Методикаи таълими адабиёт низ дар дасти муаллими ҳар як фан дастурест, ки ниёз ва эҳтиёҷоти муайяни талабаро бояд қонеъ гардонад ва роҳи аз ҳама самарабахши омӯхтани матери-алҳои адабиро нишон диҳад. Вазифа, мақсад ва моҳияту муҳимияти фанни мазкур аз мавқеъ ва арзиши осори ҳунарӣ-адабӣ дар ҷомеа вобастагӣ дорад ва ин ҷиҳат он бояд ба такмили маҳорат ва истеъдоди педагогии толибилм хизмат намояд |
| **Савол** | **Зарурияҳои табиӣ ва объективии инсон дар шароити имрӯза барои омӯзиши илму дониш дар кадом қарор аст?** |
| **Ҷавоб** | А) Аз бар намудани мероси адабӣ илмии ниёгон , б). Эҳтиёҷоти табиӣ барои донишомӯзӣ. в).Хоҳиши ҷиддӣ барои гирифтани маълумотҳои нав. г).Кӯшиш намудан барои дарки навгониҳои ҳаёт. д).Барои комёбиҳои шахсӣ (манфиати шахсӣ). е)Барои дарки фарқияти аҷсоми (ҷисмҳо) ва падидаҳои боарзиш аз беарзиш. ё). Барои рақобат дар ҳаёт. ж). Барои таъмини рӯзгор ва зиндагӣ. |
| **Савол** | ***Ҷараёни таълим чист ва моҳияти онро шарҳ диҳед.*** |
| **Ҷавоб** | ***Ҷараёни таълим*** – таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандӯзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад. **Ҷараёни таълим** равишест, ки дар он дониш, қобилияти шахсӣ-модарзодӣ ва таҷрибаву малака зина ба зина, тадриҷан афзуда мешавад ва вусъат меёбад. Дар асоси принципи роҳнамой-дастурдиҳӣ ин ҷараёнро тезонидан мумкин аст, ки вазифаи муҳими муаллим аст. |
| **Савол** | **Услуби фаҳмонидани математикаи мантиқӣ кадом аст?** |
| **Ҷавоб** | Баъзе хонандагон ***математикаи мантиқиро*** дар идроку қабули ахборот афзал меҳисобанд, ки онҳо майли дар асоси факт ва рақамҳо мулоҳиза рондан доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳар як мулоҳизаашон боасос бошад. Онҳо рақам ва санадҳоро дар хотир хуб нигоҳ дошта метавонанд ва дар асоси санаду рақамҳо, моддаҳо баён кардани фикрро меписанданд. Дар ин гуна шароит аз муаллими фан низ тақозо карда мешавад, ки маърӯзаи хешро низ дар ҳамин тартиб созмон диҳад ва дар ҷараёни дарс низ ба ин ҷиҳат эътибори ҷиддӣ диҳад. |

## Машқи 2

| Машқ (Савол ва ҷавоб) | |
|---|---|
| **Савол** | **Барои таъмини самаранокии дарс муаллим бояд кадом амалиётҳоро иҷро кунад?** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | а). Аз рӯи имконият ба дарс ҷалб кардани эътибори тамоми хонандагон:<br>б). Баркарор нигоҳ доштани донишу малакаи мавҷуда ва тадриҷан такмил додани онро таъмин намояд.<br>в). Аз додани дониши зиёду бемеъёр ва душвор худдорӣ намояд.<br>г). Бобати иҷрои мавзӯъҳои амалӣ намоиши хуб (васоити аёнӣ) ва дастури мушаххасу мукаммалро таклим намояд.<br>д). Тамоми ташаббус ва муносибати хонандагонро вобаста ба мавзӯи дарс дастгирӣ намояд. |
| **Савол** | **Дар ҷараёни дарс таъсири кадом муаллим зиёд аст, ва ӯ кадом хусусиятҳоро бояд доро бошад?** |
| **Ҷавоб** | а). Дорои малакаи касбӣ бошад; б). Ҳамсӯҳбати хуб бошад; в).Бо шахсияти хонанда ошно бошад; г).Хусусияти психологии хонандаро фаҳмида тавонад ва нисбати онҳо дуруст рафтор кунад; д).Дар ҳар гуна вазъият, босабр бошад ва дар назди хонандагон ба ҳурмат сазовор гардад; е).Ба услуби хоси худ соҳиб бошад; ё).Кушоду озод фикр карда тавонад ва ҳақшиносу ҳуқуқшинос бошад; ж).Нуктаҳои асосиро аз мафҳумоти дуввумдараҷа ҷудо карда гирифта тавонад ва дар дарс ба онҳо эътибори хос диҳад. |
| **Савол** | ***Ҷараёни таълим чист ва моҳияти онро шарҳ диҳед.*** |
| **Ҷавоб** | ***Ҷараёни таълим*** – таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандӯзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад. **Ҷараёни таълим** равишест, ки дар он дониш, қобилияти шахсӣ-модарзодӣ ва таҷрибаву малака зина ба зина, тадриҷан афзуда мешавад ва вусъат меёбад. Дар асоси принципи роҳнамой-дастурдиҳӣ ин ҷараёнро тезонидан мумкин аст, ки вазифаи муҳими муаллим аст. |
| **Савол** | **Дар ҳаёти маданиву иҷтимоии мардум пайдоиши технологияи педагогии таълим ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад.** |
| **Ҷавоб** | а).Дар замони тараққиёти ҳамҷамъиятии ҷаҳон барои тезонидани ҷараёни таълими аҳолӣ ва таъмини самаранокии он; б).Барои бартараф намудани маҳдудияти фаъолияти муаллим дар ҷараёни хониш; в).Тараққиёт ва пешрафти фан ва техника, афзоиши ахбор ва кам будани вақт; г).Дар ҷамъияти халқӣ зарурати аз тафаккури эмприкӣ ва назарӣ ба тафаккури техникӣ гузаштан; д).Ба ҳаёт тайёр намудани ҷавонон. |

**Машқи 3**

| Машқ (Савол ва ҷавоб) | |
|---|---|
| **Савол** | **Технологияи таълим чист?** |
| **Ҷавоб** | «Технология» – калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) – маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимот аст. Ин ифодаи луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро комилан ифода намекунад. Он танҳо маънии луғавӣ асту халос. Ба маънии томи истилоҳияш мувофиқи гуфтаи олими рус В.Г.Беспалкон «Технологияи педагогӣ лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад». |
| **Савол** | **Олимони рус дар бораи технологияи таълим чӣ мегӯянд?** |
| **Ҷавоб** | **В.М.Монахов низ ба технологияи педагогӣ таърифи дуруст медиҳад.** «Технологияи педагогӣ системаи амалҳоест, ки аз аввал ба нақша гирифта шудааст ва он ба натиҷаву дастовардҳои муайян бурда мерасонад ва иҷрои шартии он зарур аст». «Технологияи педагогӣ ҷараёнест, ки таъсири муаллимро тавассути васоити хониш дар шароити муайян ифода мекунад ва ҳамчун маҳсули ин амал дар ҷараёни таълим ташаккули сифатҳои шахсию фардии хонандагон дар шакли интенсивӣ таҷассум меёбад.» |
| **Савол** | ***Дарси анъанавӣ чист ва афзалияти ин дарсҳо дар чист?*** |
| **Ҷавоб** | ***Дарси анъанавӣ*** бо дарсҳои гузашта дар ҳамбастагӣ омӯхта мешавад. Дарси анъанавӣ аз баёни мавзӯи нав, дар асоси машқҳо мустаҳкам кардани он, ҷамъбасти дарс, хулосакунӣ, баҳодиҳӣ ва супориши вазифаи хонагӣ иборат аст. Одатан дар дарси анъанавӣ аз методҳои маърӯза, сӯҳбат саволу ҷавоб, машғулотҳои амалӣ (машқҳои амалӣ) истифода бурда мешавад. Дар шакли мазкур самаранокии дарс нисбатан паст буда, дар он фаъолияти хонандагон пассив аст. Аз ин лиҳоз дар асоси тадқиқотҳои мавҷуда таъмини фаъолии хонанда ҳангоми дарс шарти муҳим ҳисобида мешавад. |

**Машқи 4**

| Машқ (Савол ва ҷавоб) | |
|---|---|
| **Савол** | **Дарси моделизатсияшуда (лоиҳанок) чист ?** |
| **Ҷавоб** | Инъикоси содда ва мушаххаси ҳаёти воқеӣ ва реалӣ дар муҳити синф аст ва дар он иштироки шахси хонанда ва фаъолияти вай, муносибати вай муҳимтарин ҷузъи ин шакли дарс аст. Ё худ дарси моделизацияшуда маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки дар он ҳаёти воқеӣ, ҳодисаҳои иҷтимоӣ-табиӣ, ҷараёнҳои иҷтимоии ҳамзамон дар шакли содда ва мушаххасу мӯъҷаз дар муҳити синф барқарор карда мешавад. |
| **Савол** | **Дарси ҳамкорӣ ва ҳамҷоя кадом аст ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед.** |
| **Ҷавоб** | Дарси ҳамкорӣ - аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар он хонандагон ба тарзи мустақил дар гурӯҳҳо фаолият менамоянд. Дарси ҳамкорӣ ё худ дарси хамҷоя маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки дар он фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар гурӯҳҳо бар ивази мустақилона таълим гирифтани онҳо амалӣ мегардад. |
| **Савол** | **Дарси тадқиқотӣ чӣ гуна адарс аст?** |
| **Ҷавоб** | Кашфи падидаҳои тоза, ё худ дарси ҷустуҷӯӣ Дарси тадкиқотӣ - аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар асоси он хонандагон ба тарзи мустақилона ба кушодани муаммо ва ё масъалаи муайян кӯшиш менамоянд. Ё худ дарси тадқиқотӣ - маҷмӯи методҳоеро фаро мегирад, ки хонандагон масъала ва ё муаммои муайянеро тадқиқ менамоянд. |
| **Савол** | **Хусусиятҳои муҳимтарини модели дарси ноанъанавӣ:** |
| **Ҷавоб** | Ин модел ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст ва хонанда мавқеи аввалиндараҷа дорад. Ба ибораи дигар дар маркази ин моделҳои таълим шахси хонанда меистад. Мувофиқи тафаккури нави педагогӣ эҳтироми шахсияти хонанда ва ба инобат гирифтани ташаббусоту фаъолияти ӯ яке аз принсипҳои асосӣ ба шумор меравад. Зеро «… касро ҳурмат накарда, шахсияти ӯро эҳтиром нанамуда ӯро омӯхтан ва хусусан тарбия кардан ҳаргиз имкон надорад.» (М.Раҷабӣ. Ба фикри ман.-Душанбе: Деваштич, 2003. саҳ.-84). |

## Мавзӯи 2. МОДЕЛҲОИ ДАРСҲОИ НОАНЪАНАВӢ ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ИН МОДЕЛИ ДАРС

Нуктаҳои асосӣ:

1. Таснифи дарсҳои ноанъанавӣ.
2. Модели дарсҳои ноанъанавӣ ва мазмуну моҳияти онҳо.
3. Методҳои дарсҳои ноанъанавӣ.
4. Афзалият ва нуқсонҳои методҳои интерфаъол дар ҷараёни таълим.

**Модели дарси тадқиқотӣ.** Модели тадқиқотӣ дар ҷараёни дарс ба тарзи мустақилона кор бурдани хонандагон шароит фароҳам меорад ва ба таври мустақилона ҳақиқатро кашф кардани онҳо сурат мегирад.

Дарси тадқиқотӣ аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар асоси он хонандагон ба тарзи мустақилона барои ҳаллу фасли муаммо ва масъалаи ҷудогона кӯшиш мекунад. Барои гузаронидани дарси тадқиқотӣ дарёфти саволи муаммоӣ ва нуқтаҳои асосии мавзӯъ, ки аввалан баҳсталабанд ва сониян ба методи тадқиқотӣ мувофиқат мекунанд, ҷузъи муҳим аст. Дарси тадқиқотӣ ҳангоми омӯзиши масъалаи тоза, падидаи нав ё худ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои фундаменталӣ тавсия карда мешавад.

Методи тадқиқотӣ ҷустуҷӯҳои илмӣ ва амалию назарии хонандагонро дар ҷараёни дарс таъмин мекунад. Аз ин рӯ: Дар ҷараёни дарси тадқиқотӣ эътибори асосӣ бевосита ба мустақилона фикр кардани хонандагон ва ба тарзи мустақилона хулосаҳои мантиқӣ баровардани онҳо нигаронида шудааст.

Аз ин ҷиҳат ҳам дар шахсияти хонанда инъикос кардани фазилатҳои мазкур ҷиҳати муҳимтарини дарси тадқиқотӣ ҳисоб меёбад.

Дар дарси тадқиқотӣ мухталифии гепотазаҳо, фаразияҳо, тахминҳо, фикрҳои ба ҳам зид барои амиқтар ва дақиқтар натиҷа додани дарси тадқиқотӣ ҷиҳати муҳим аст.

Хонанда дар ҷараёни дарси тадқиқотӣ ва аз худ кардани дониш ва илмҳои назарии муайян аз ҳиссиётпарастӣ дур мешавад ва дар шахсияти ӯ малакаи ба предмету ҳодисаҳо баҳо додан тавонистан ташаккул меёбад.

Муҳимтаринаш дар шахси хонанда бо факту далелҳо сухан гуфтан, бо бурҳонҳои қотеъ исбот кардани ягон фикр, фараз ё ин ки гипотеза ташаккул меёбад. Дар ҳамин замина хонанда ба маълумотҳое, ки дар китоби дарсӣ мавҷуд аст, қонеъ нагардида, бештар ба маълумотҳои осори илмӣ ва рисолаву монографияҳо, ҳамчунин адабиёти иловагӣ такя менамояд, баҳри дарёфти роҳҳои дурусти ҳаллу фасли масъала такопӯе ба амал меорад.

**Намудҳои дарси тадқиқотӣ вобаста ба интихоби методҳо**

Дарси тадқиқо-тӣ дар асоси муаммо ва ё муаммо чун асоси мавзӯъ.

Дарси тадқиқотӣ дар асоси нуктаҳо (ҷавҳар)-и асосии мавзӯъ.

Дарси тадқиқотӣ дар асоси ҳалли мушкилот ва масоили гузоришёфта.

Дарси тадқиқотӣ дар асоси савол-нома ё худ силсиласавол-номаҳо.

**Зинаҳои асосии дарси тадқиқотӣ аз зеринҳо иборат аст:**

*а). Мавзӯи муаммоие супорида шавад, ки барои ҳаллу фасли он дар тамоми хонандагон шавқу рағбат мавҷуд бошад.*

*б). Муамо ва ё масъаларо дақиқ ва амиқан омӯхтан.*

*в). Ҷамъ овардани маълумот бобати мавзӯъ.*

*г). Ба инобат гирифтани фараз, тахмин, факт, далел, бурҳонҳо дар доираи мавзӯъ.*

*д). Таҳлили тахмину фаразҳои пешниҳодгардида.*

*е). Хулосабарорӣ ва ё ҷамъбаст кардани тадқиқот.*

*ё). Тадқиқоти беҳтаринро эълон намудан ва онро муаррифӣ намудан.*

**Заминаҳои асосии ташкили дарси тадқиқотӣ:**

1. Ташкил ва таъмини адабиёти илми назарӣ ва бадеии зарурӣ ва маводи тақдимотии мухталиф оиди мавзӯъ. Сохтани нақшаи дарси тадқиқотӣ ё худ тайёрии умумӣ ба дарс.

2. Дарёфти саволи муаммоӣ, мушкилот ва нуктаҳои асосии мавзӯи тадқиқотӣ ва гузориши он.

3. Таклиф намудан ва ё ба миён гузоштани гипотезаҳо фаразияҳо, мулоҳизаҳо ва тахминҳо оиди мавзӯъ.

4. Ба амал тадбиқ кардани маълумотҳо ахборотҳо фараз ва тахминҳо аз ҷониби хонанда дар дарс.

5. Аз рӯи фараз ва гипотезаҳои мухталиф баровардани хулосаҳои амиқи ҳар як хонанда.

6. Таҳлили хулосаҳо фараз ва тахмин.

7. Баровардани хулосаи амиқу охирон ва дар асоси маълумотҳои мавҷуда эълон кардани гипотезаи нав.

Тарзи баҳогузорӣ ба дарси тадқиқотӣ тариқи дигар дорад. Дар дарси тадқиқотӣ аз рӯи дараҷаи кор фармудани маҳоратҳои хонанда ва муаллим баҳо гузошта мешавад ҳамчунин ба дарси муаллим аз ҳамин мавқеъ арзиш медиҳанд. Аз ҷумла:

- *маҳорати гузориш дода тавонистани муаммо ва мушкилоти дарс.*
- *маҳорати дарёфти муаммои муҳим ва рӯзмарра аз рӯи мавзӯъ.*
- *пешниҳоди фараз ва фикрҳо ва дараҷаву арзиши илмии онҳо.*
- *дар бораи мавзӯъ ҷамъ карда таовнистани маълумотҳо, ахборотҳо.*
- *дараҷаи исбот карда тавонистани фикр ва ҳимоя карда тавонистани он дар амал.*

Ҳангоми дар амал дуруст тадбиқ карда тавонистани дарси тадқиқотӣ дар шахсияти хонанда бояд ҳисси нисбӣ будани илму фан ва ҳадду канор

надоштани донишҷо, бобати масъала ва ҷузъҳои гузоришёфтаи мавзӯи мавриди назар ҳукми охир набудани ин ё он фараз ва ё гипртеза бояд ташаккул дода шавад. Хонанда пай мебарад, ки илм ва хулосаҳои мавҷудбуда, доир ба ягон масъала паҳлӯҳои дигар низ дорад ва тадбиқи он бо роҳҳо мухталиф имконпазир аст. Моҳият ва аҳамияту арзиши амалии дарси тадқиқртӣ айнан дар ҳамин чиз зоҳир мегардад.

**Дарси моделизацияшуда.** Дарси моделизацияшуда воқеа ҳодисаҳои ҳаётию воқеиро дар шакли бозӣ дар асоси лоиҳаҳо ва нақшаҳои муайян ҳангоми дарс тавассути методҳои мухталиф тадбиқ кардан аст. Дарси моделизацияшуда иштироки таълимгирандаро дар ҳаллу фасли муаммо ва ҳодисаҳои ҳақиқии ҳаётӣ-воқеӣ ҷиддан тақозо менамояд. Тавассути ин модели дарс муносибатҳои толибилм ба ҳаёт ва воқеияти он ошкор бояд гардад.

**Зинаҳои асосии дарси моделизацияшуда дар қарори зерин аст:**

**I. Муайян намудани мақсади дарс.**

а) Мафҳум, истилоҳот, муаммо ва мушкилоти маводи таълимиро муайян намудан.

б) Мақсади асосии дарсро гӯшзад кардан ва фаҳмонидан моҳияти он.

**II.Тайёрӣ ба дарс.**

а). Тақсимоти ролҳо (нақшҳо).

б). Шинос намудан бо қонун ва қоидаҳои дарс.

в). Фаҳмонидан тарзи бозӣ.

г). Гузаронидани машқи мухтасар ва ё санҷишӣ (ибтидоӣ).

**III. Амалан тадбиқ кардани мавзӯъ дар асоси лоиҳа.**

а). Иҷрои машқҳо.

б). Барқарор намудани алоқаи баръакс бо толибилмон.

в). Мунтазам ислоҳ намудани нуқсон ва камбудиҳо.

**IV.Таҳлил.**

а) Бобати ҳолат ва ҳодисаи содиргардида ба хулосаҳо омадан.

б) Муҳокима ва таҳлил намудани мушкилот ва муаммоҳо.

с) Таҳлил намудани ҷараёни бозӣ.

д) Муқоисаи ҷараёни бозӣ бо воқеияти ҳаётӣ ва ҳодисоти табиӣ.

Модели мазкур аз он ҷиҳат арзиш дорад, ки толибилм на фақат қобилияти шунавоии худро ташаккул медиҳад ва ё дониши назарӣ мегирад, балки худ дар ин ҷараён иштирок менамояд ва арзишҳои илм, малака ва маҳоратро дар ҳаёти воқеӣ дарк менамояд. Бозӣ барои ҳалли муаммоҳои мухталиф ва созмони фаъолияти имитационӣ (сунъӣ, қалбакӣ) асоси муҳимтарин ва афзалтарин аст.

Муаммо ва мушкилоти асосӣ барои гузаронидани дарси моделизацияшуда дар қарори зерин аст ва роҳҳои бартараф намудани ин мушкилот ва муамморо дар асоси харитаи технологии зерин тавсия менамоем:

**Ҷадвали 2.**

| | **Мушкилот ва муаммои асосӣ** | **Роҳҳои бартараф намудани он** |
|---|---|---|
| . | Гуногунии дараҷаи тайёрии иштирокчиён ва гуногунии қобилияти онҳо. | Пеш аз оғози дарс ташхис намудан ва толибилмонро ба бозӣ тайёр намудан. |
| . | Бобати вазъиятҳои мухталифи бозӣ маълумоти пешакӣ надоштан. | Таҳлил ва таҳқиқи объекти дарси моделизацияшуда. |
| . | Зиддиятҳои мухталиф ва хатову нуқсонҳои гуногун дар ҷараёни бозӣ. | Интихоби дурусти шакли бозӣ ба тарзи пухта фикран кор карда баромадани лоиҳаи бозӣ. |
| . | Хулосаҳои муайян надоштани толибилмон ва иштирокчиёни бозӣ. | Бо дастурҳо ва натиҷаҳои бозӣ ошно намудан ва самти ҷараёни бозиро нишон додан. |
| . | Қонуну қоидаҳо ва мақсади асосии бозиро ба тарзи мушаххас надонистани толибилмон. | Аз ташхис ва санҷиш гузаронидани иштирокчиён. Нақшаи бозиро мукаммалан тарҳ намудан. |
| . | Комилан сарфаҳм нарафтани иштирокчиён ба мазмуну қоида ва моҳияти бозӣ. | Шарту шароит ва принципҳои бозиро такрор ба такрор фаҳмонидан бо маводи тақсимотӣ дуруст ошно сохтани талаба. |
| . | Малака ва таҷрибаи хос надоштани толибилмон ва қобилияти ҳалли муаммоҳоро надоштани онҳо. | Вазъият ё ҳодисаи моделизацияшударо ҳамҷоя ва якҷоя ҳал кардан, иҷро намудан. |

Дарси моделизацияшуда аз рӯи намудҳои ҷараёни ҳодисот, шаклу намудҳои он, вақту масофа, мавқеи барандаи бозӣ, дараҷаи иҷрои нақшҳо ва ғайраҳо ба намудҳои гуногун тақсим мешаванд:

***1.Бозӣ дар шакли фаъолияти ташкилӣ.*** Аломати муҳимтарини ин навъи дарси моделизацияшуда шартӣ будани ролҳо ва ё нақшҳост. Дар ин

навъи дарс ҳар як накш мақсади муайян дошта, иштирокчиён бо ҳамдигар дар ҳамбастагӣ ва ё дар алоқамандӣ фаъолият менамоянд. Дар ин навъи дарс баранда ва ё сардор таъминкунандаи мулоҳизаронии ҷамоавӣ, муносибати байниҳамдигарии иштирокчиёни гурӯҳ ва фигураи марказӣ аст. Дар ин навъи дарси моделизацияшуда қарори ҷамоа муҳим аст. Дар ин навъи дарс иштирокчиён дар асоси муаммо ва ё мушкилоти дар корхона ва ё ташкилот рухдода мулоҳиза меронанд ва фаразияҳои хешро бобати роҳҳои ҳалли он иброз медоранд. Дар маркази ин дарс ҳалли муаммо ва нуқтаи оптималии ҳалли он масъала аз мақсади асосист.

Дар дарсҳои адабиёт метавон ин навъи дарсро барои ҳалли мушкилот ва масъалаҳои муаммоии ҷараёни адабӣ ва ё масоили баҳсталаб тадбиқ намуд. Аз ҷумла, дараҷаи маҳорати эҷодии шоир дар офариниши жанрҳои анъанавӣ ва ё нав, муаммоҳои асосии жанрҳои адабӣ, инъикоси масъалаи ахлоқ ва масштаби ин мавзӯъ дар осори адабӣ-классикӣ, бадеият ва ғоявияти осори ин ё он адиб, масъалаҳои мухталифи баҳспазир оиди фаъолият ва мероси адабии эҷодкор ва ғайра. Дар интихоби мавзӯъ муаллим, албатта соҳибихтиёр аст, вале нозукии кор дар он аст, ки бояд нуктаи асосии баҳспазир ва масъалаи муаммоӣ дарёфт карда шавад.

***2.Бозии имитационӣ - тақлидӣ-сунъӣ.*** Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданиро ба тарзи сунъӣ ва ё қалбакӣ тақлид намудан ва онро дар амал, дар ҷараёни дарс тадбиқ намудан. Сардор ва барандаи ин навъи бозӣ иштирокчии фаъол аст. Дар ин навъи дарс функцияҳои муайяни институтҳои иҷтимоӣ, тақлидан ба амал тадбиқ карда мешавад ва муаммои муайян мавриди таҳлили иштирокчиёни бозӣ қарор мегирад.

***3.Бозии нақшӣ (ролӣ).*** Ин навъи дарс бо тафовут аз ду навъи болоӣ нафақат вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодию сиёсӣ, балки вазъиятҳои иҷтимоӣ-маданиро ҳам фаро мегирад. Иштирокчиён дар ҷараёни бозӣ ҳаёти шахси воқеиро тақлид менамоянд, муаммо ва вазъиятро таҳлил менамоянд. Дар ин ҷараён ҳеҷ кас ба онҳо кӯмак намерасонад. Дар ҷараёни бозӣ ба онҳо ва ё фаъолияти онҳо баҳо гузошта намешавад. Дар ин ҷараён фаъолияти худидоракунии онҳо назаррастар аст. Ба марому мақсади бозӣ тавассути фаъолияти шахсии худ мерасанд.

Ин навъи дарси модилизацияшуда аз он ҷиҳат арзиш дорад, ки дар шахсияти хонанда малакаи муносибати байни шахсиятҳо такмил дода мешавад. Ба тарзи амалӣ омӯхтани масъала аз бар карда мешавад.

Роҳбар (муаллим)-и ин лоиҳа шахси дуюмдараҷа ва ё довар аст. Вай иштирокчии бавоситаи ҷараён аст. Тавассути ин модел дар таълим мотивация бедор карда мешавад, қобилияту маҳорати фардӣ - шахсии талаба ташаккул меёбад, тафаккури мантиқӣ - таҳлилии хонанда шакл мегирад, муносибати ба

муҳиту атроф доштаи толибилм тағъир меёбад. Ҳисси масъулиятшиносии талаба инкишоф меёбад. Мақсади дидактикии ҷараёни таълим пурқувват мешавад. Дар дарс муаммои асосии ҳаётӣ ҳал карда мешавад.

Ин навъи бозӣ ё лоиҳаи дарс дар мавриде гузаронида мешавад, ки ба гурӯҳ боварӣ дошта бошед, гурӯҳ ва иштирокчиёни он бо нақшҳо ошно бошанд, маводи таълимӣ ба характери бозӣ ва лоиҳаи дарс мутобиқ бошад, мақсад ва мароми муайян дошта бошед, аз интихоби лоиҳа натиҷаи дилхоҳ бароядва ниҳоят барои гузаронидани лоиҳа шарту шароити зарурӣ, таҷзиҳот мавҷуд бошад.

Аз фанни адабиёт муаллим метавонад ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодкор, таҳлили эпизодҳои муайяни асарҳои бадеӣ, такдимоти лавҳаи ҷуогонаи осори таърихӣ, муҳокимаи шахсият ва ё лавҳаҳои ибратбахши адибон модели мазкури дарсдиҳиро интихоб намояд. Аз ҷумла, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои «Рӯдакӣ ва «Қасидаи шикоят аз пирӣ»-и ӯ», «Фирдавсӣ ва Маҳмуди ғазнавӣ», «Таҳлили достонҳои «Сиёвуш», «Рустам ва Сӯҳроб», омӯзиши тарҷумаи ҳоли Ҳилолӣ ва ё Восифӣ (дар асоси истифодаи маводи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»), «Таҳлили романи «Восеъ», «Таҷассуми симои Фирдавсӣ дар романи «Фирдавсӣ»-и С.Улуғзода, «Таҳлили «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ ва фаъолияту ҳаёти ӯ ва ғайра истифодаи модели мазкур мумкин аст.

**Модели дарси дар ҳамкорӣ омӯхтани мавзӯъ** аз маҷмӯи методҳое иборат аст, ки дар асоси онҳо ба тарзи гурӯҳӣ омӯзиши мавод ба нақша гирифта шудааст.

**Методҳои наву ноанъанавӣ ва тавсифи мухтасари онҳо:**

**Методи муҳокима.** Аз методи мазкур барои барқарор кардани сӯҳбат бо хонандагон, барои ба масъала равшанӣ андохтан, саволҳо додан ва барқарор кардани муҳокимаву таҳлили зинда истифода бурда мешавад. Дар дарси такрор ва ҷамъбастӣ истифода бурдани ин метод ҷиҳати муҳим аст.

**Муҳокима дар гурӯҳ** Муаллим ҳамон вақт аз услуби мазкур истифода бурда метавонад, ки хонандагон то дараҷаи муайян бобати мавзӯъ тасаввурот пайдо карда бошанд. Аксаран дар асоси муаммоҳо ё худ масъалаҳое, ки хонандагон ба ҳаллу фасли он қобилият доранд ва баъзан дар ҳолати бобати мавзӯъ тасаввурот надоштани хонандагон ҳамчунин дар машғулотҳои муқаддимавӣ низ ба тарзи истисно аз методи мазкур истифода бурдан мумкин аст.

**Кашфи падидаҳои тоза** Ин тарзи дарс ва амалиёт дар асоси дониши назарии хонандагон ба роҳ монда мешавад. Дар ин метод баробари ба амал тадбиқ кардани дониши назарии хонандагон, бобати падидаҳои тоза, ба донишу малакаи нав роҳнамун намудан низ ҷиҳати муҳимтарин аст.

**Машғулоти амалӣ.** Муаллим ҳангоми ташаккул додани маҳорат ва малакаи шогирдон ва барои дар амал тадбиқ намудани дониши назарии хонандагон аз методи мазкур

истифода мебарад. Методи мазкур бинобар аз доираи фардӣ расмӣ-анъанавӣ баромадан истифода бурда мешавад.

**Методи “баҳсу мунозир а”.** Гурӯҳи хонандагонро ба ду ва ё зиёда қисмҳо тақсим намуда, дар асоси ягон мавзӯъ ва ё масъала баҳсу мунозира ва ё радду бадали фикру мулоҳиза ташкил намудан мумкин аст. Масъала бояд тавре гузориш ёбад, ки дар он нуктаи мунокишавӣ ва баҳспазир мавҷуд бошад

**Методи тадқиқот** Нуқтаи баландтарини азхудкунӣ буда, аз рӯи фанни адабиёт ҳангоми омӯхтани курси таърихи адабиёт, дар синфҳои болоӣ истифода бурдан мумкин аст. Методи мазкурро муаллим мувофиқи хоҳиши худ, дар баррасии ягон муаммо ва ё мушкилоти хурде, ки ҳоло омӯхта нашудааст ва хонандагон имконият ва қобилияти дар ин бобат тадқиқот бурдан доранд

**Бозиҳои саҳнавӣ.** Иҷрои роли муайян дар ҷараёни дарс. Ин услуб аз намунаи методҳоест, ки дар он ба ҷои материали матнӣ саҳнаи муайяни ҳаётӣ дар асоси мавзӯи дарс иҷро карда мешавад. Методи мазкур аз методҳои асосии дарси моделизацияшуда аст.

**Методи “лоиҳа”** Методи мазкур барои муайян кардани арзиши донишу маҳорат, дараҷаи илмнокӣ ва дараҷаи азхудкунии хонандагон истифода бурда мешавад. Муаллим дар ин метод ҳангоми ба лоиҳа гирифтани мавзӯъ ё ҳалли мушкилот, танзими нақшаи мавзӯъ, таҳлилу муҳокимаи он, баҳогузорӣ ба амалиёти хонанда иштирок мекунад. Методи мазкур ҳангоми таҳлили осори бадей, тарҳи нақшаҳои муайян аз рӯи асари бадеии мутолиашаванда, таҳлили асари бадей аз ҷиҳати сужети муайян, таҳлили асари бадей тибқи образҳо, таълим ва таҳлили асарҳои драмавй метавонад истифода барад.

**Методи омӯзиши мустақи-лона.** Методи мазкур барои такмилу ташаккули қобилияти мустақилона ва барои ба тарзи фардй аз бар намудани маводи таълимӣ, барои такмили малакаи бо китоби дарсӣ сару кор кардани хонанда истифода бурда мешавад. Ҳар як хонанда ба тарзи алоҳида ёки умумӣ фаъолият менамояд. Муаллим ба амалиёт ва фаъолияти хонандагон дахолат накарда аз берун дар асоси бунёди муносибати акс онҳоро роҳнамун месозад ва ба онҳо дастурҳои муайян медиҳад.

**«Пинборд»** Пинборд калимаи англисӣ буда, «pin» – мустаҳкам намудан, «board» – тахтаи синф аст. Методи мазкур шакли хаттии методи «ҳуҷуми ақлӣ» буда, бобати масъалаи муаммоӣ фикр ва мулоҳизоти хонандагон дар коғазҳои хурд нависонда мешавад ва онҳо дар тахтаи синф часпонида мешаванд. Баъд аз ин як-як ҷавобҳо хонда вобаста ба дараҷаи дурустӣ ва нодурустиашон пай дар пай ҷойгир карда мешаванд. Методи мазкур барои инкишофи қобилияти муҳокимаронӣ, такмили ҳисси биноии хонандагон муҳим аст.

**Тренинг** Дар асоси дониши хонандаи фард ё гурӯҳи хонандагон ба роҳ мондани ҷараёни таълим. – Дар асоси ин услуб хонандагон аз рӯи мавзӯи муайян ё муаммову

масъалаи маълум бо ҳамдигар ахборот медиҳанд, радду бадали фикр менамоянд ва донишу илми худро тавассути ахбороти мадиду кӯтоҳ бо дигарон ба ҳам мебинанд.

**Бо луғат кор кардан (диктант)** Шакли назорати ҷории муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон аст. Одатан дар муддати мадид (кӯтоҳ) гузаронида мешавад. Ин навъи машғулот бо мақсади муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон бобати мафҳумҳо, истилоҳот ва шарҳу тавзеҳи нуктаҳову луғатҳо арзиши хос дорад.

***Конференсия*** – як навъи назорати марравӣ буда, асосан, дар давоми чорякҳо ё худ дар давоми соли хониш бамаврид гузаронида мешавад. Конференсияро дар асоси фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида аз фанни адабтёт гузаронидан мумкин аст. Ташкили конференсияҳо аз муаллими фан эътибори махсусро тақозо менамояд„ зеро ҳар як анҷумани илмӣ мақсад ва мароми муайян бояд дошта бошад.

**Чархфалак.** Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

**Референдум** Дар давоми дарс муаллим вазъияти баҳснокро ба вуҷуд меоварад ва онро идора менамояд. Дар ин шакли дарс фикру мулоҳизоти баҳспазири тарафҳоро ба овоз мондан, бобати ҳар як фикри манзургашта муқобилҳо, тарафдорон ва бетарафҳоро муайян кардан, шунидани далелу фикрҳо ва фактҳои тарафҳо, боз ба овоз мондани ҷавобҳо ва хулоса намудани мавзӯъ ва масъала ҷузъи муҳим аст.

**Мулоқоти ҷуфт** Бобати мавзӯъҳои ҷудогона ба ҳамдигар мулоқот кунонидани хонандагони ҳамнишин ва шунидани баъзе фикру мулоҳизоти онҳо аст. Дар ин метод муҳокимаи тарафайн ва рангорангии фикри ду хонанда, рақобат ва дар айни замон мусобиқаи донишомӯзиро падид меорад.

**Чархфалак.** Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

**«Ҳуҷуми ақлӣ»** Методи «ҳуҷуми ақлӣ» бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, ва илмии хонандагон барои дар гурӯҳҳо ҳал кардани масъалаи эҷодӣ, нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ, интихоби саҳеҳтарин ва муҳимтарин роҳи ҳалли муаммо ва мушкилот, масъалаи ҷудогонаи эҷодӣ – илмӣ ва падид овардани ғояҳо, фаразҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, дар бораи мавзӯи мавриди назар истифода бурда мешавад.

**Модели мазкур афзалиятҳои зеринро соҳиб аст:**

а) дар гурӯҳҳо дар ҳамкорӣ кор кардан ва дарс омӯхтан дар асоси ба инобат гирифтани дониш, малака ва таҷрибаи ҳар як хонанда аз ҷониби дигарон андӯхта мешавад, маводи таълимӣ амиқтар омӯхта мешавад.

б) дар мобайни аъзоёни гурӯҳ ва дар байни гурӯҳҳои мухталиф мулоқоти зинда барқарор карда мешавад, баҳсу мунозираро ба вуҷуд меоварад, ҳамкорӣ ва ҳисси масъулиятшиносиро нисбати ҳамдигар ташаккул медиҳад.

в) ҳар як аъзои гурӯҳ барои дигарон низ масъул будани худро ҳис менамояд.

г) нисбат ба иҷрои корҳои мастақилона дар дарси мазкур вақт камтар сарф карда мешавад.

д) сифат ва дараҷаи таълимгирӣ дар ин шакли дарс нисбатан баландтар аст.

Дар баробари афзалиятҳо модели дарси мазкур нуқсон ва камбудиҳо низ дорад. Аз ҳамин ҷумла:

а) модели мазкури дарс ҳангоми иҷрои кор ва натиҷабардорӣ вақти зиёдро тақозо менамояд.

б) ҷараёни тайёрӣ ба дарс аз муаллими фан меҳнати зиёдеро тақозо менамояд.

в) дарс ва ё модели мазкур нодуруст ташкил карда шавад, ҷараёни хониш аз меҳвари назорати муаллим берун меравад ва онро идора кардан имконнопазир мегардад.

г) ба тарзи фардӣ муайян кардани дониши хонандагон ва фаъолияти онон барои муаллим душвориҳо пеш меорад.

Дарси ҳамкорӣ тақозо менамояд, ки аз муносибат ва ё диалоги дутарафа «таълимгиранда ва таълимдиҳанда» даст кашида, ба муносибати чортарафа «таълимдиҳанда, таълимгиранда, маводи таълим ва гурӯҳ» эътибор дода шавад.

Модели мазкури дарс дар асоси методҳои зерин амалӣ мегардад:

а) *методи «Ҳуҷуми ақлӣ».*

*б) бо гурӯҳҳои хурд кор кардан.*

*в) баҳсу мунозира.*

*г) сӯҳбати мизи мудаввар.*

*д) семинар – машғулоти семинарӣ.*

*е) методи «Чархфалак».*

*ё) кор бо хонандагон дар шакли ҷуфт.*

***Методҳои асосии дарсҳои наву ноанъанавӣ.*** Тавассути методҳои мазкур муаллим маводи таълимиро дар асоси истифодаи қобилият ва идроку фаҳмиши хонандагон баррасӣ менамояд. Услубҳои мазкурро методҳои интерфаъол низ меноманд. Ба воситаи услубҳои

мазкур хонандагон ба фаъолӣ даъват карда мешаванд. Ҳангоми дуруст истифода бурдани методҳои интерфаъол муаллим ба дастовардҳои зерин метавонад соҳиб шавад:

а) *ба натиҷаи дуруст ва самарабахш ноил мегардад.*

*б) барои ба дараҷаи баланд рағбатнок кардани хонанда имконият пайдо мешавад.*

*в) донишҳои қаблии хонандагон ба инобат гирифта мешавад.*

*г) шиддати омӯзиш ба эҳтиёҷоти хонанда мутаносиб мегардад.*

*д) ташаббус ва масъулиятшиносии хонанда меафзояд.*

*е) дониши назарӣ тадриҷан ба амал тадбиқ карда мешавад.*

*ё) муносибати дутарафа ва баръакс ҳамчунин баёни озоди фикру мулоҳиза барқарор карда мешавад.*

*ж) донишомӯзӣ дар муҳити муайяни солим ва зинда амалӣ мегардад.*

*з) муаллим чун шахси дастурдиҳанда ва назораткунанда ба хонандагон барои амалӣ гардидани шарт ва шароитҳои фавқ замина муҳайё месозад.*

Дар давоми тамоми ҷараёни таълим ҳангоми истифодаи методҳои мазкур хонанда иштирок мекунад.

Услубҳои мазкур тавассути амалиёти мухталифи муаллим сурат мегирад. Дар зер бобати методи «ҳуҷуми ақлӣ» баъзе аз ин услубҳо сухан ронда мешавад:

**Моҳияти методи “ҳуҷуми ақлӣ”.** Ҳангоми дарс ва тавсифи баъзе мавзӯъҳо ҳолатҳое рух медиҳанд, ки дар асоси мавзӯъ масъалаи эҷодӣ бояд халлу фасл карда шавад. Инчунин муаммо ва масъалаҳое пеш меоянд, ки дар чандин роҳу услуб онро ҳал кардан мумкин аст. Дар дарсҳои наву ноанъанавӣ ҳангоми рух додани чунин вазъият аз методи «ҳуҷуми ақлӣ» истифода мебаранд. Масъалаҳоеро, ки роҳи ҳаллашон гуногун аст «масъалаҳои кушод» меноманд. Ин гуна масъалаҳо хонандагонро ба тафаккури эҷодӣ одат мекунонад. Ташкили ҷараёни тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, психологӣ ва илмии толибилмро тавассути методи «ҳуҷуми ақлӣ» амалӣ кардан мумкин аст. Методи мазкурро дар тамаддуни ғарбӣ «брейнсторминг» низ мегӯянд.

**Зинаҳои ин метод аз зеринҳо иборат аст:**

а) падид овардани вазъияти муаммоӣ.

б) ба вазъият ҷалб намудани диққати хонандагон.

в)ба эътибор гирифтани фикру мулоҳиза ва ғояҳои мухталифи шогирдон.

г) муқоисаи натиҷаҳои таҳлил.

д) хулосаҳо.

**Афзалиятҳои методи «ҳуҷуми ақлӣ»**

а) тавассути ин метод тамоми хонандагон ба фаъолӣ даъват карда мешаванд.

б) тафаккури эҷодию озоди хонандаро тақозо менамояд ва он ташаккул дода мешавад.

в) малакаи фикррونии амиқу фардии хонандаро тақозо менамояд.

г) таҳлили мантиқиро дар шахси хонанда ташаккул медиҳад.

д) тақозо менамояд, ки хонандагон ба фикру мулоҳизоти ҳамдигар боэътибор бошанд.

е) завқу шавқи хонандагонро нисбати мавзӯъ меафзояд.

ё) ғояҳои «обнорасида ва забонназада»-ро падид меорад.

ж) дар муддати мадид ба дараҷаи максималӣ бобати мавзӯъ радду бадали фикру мулоҳиза ба роҳ монда мешавад.

Дар истифодаи методи мазкур принципҳои демократӣ (баробарҳуқуқии тамоми хонандагон) бояд риоя гардад. Таклиф ва мулоҳизоти озодро пешниҳод намудан ва онро танқид накардан аз омилҳои муҳими бардавомии методи мазкур аст. Ҳар як ғоя ва фикру мулоҳизае, ки аз ҷониби хонандагон баён мегардад, бояд асоснок нагарданд, яъне исботи фикр, ҳукми охир дар ҷараёни истифодаи методи мазкур лозим нест, зеро ин чиз барои падид омадани ғояҳои дигар, ғояҳои наву тоза халал мерасонад.

***Харитаи технологии истифодаи методи «ҳуҷуми ақлӣ».***

***Ҷадвали 3.***

| **Зинаҳои фаъолият** | **Мазмуни фаъолият** | |
|---|---|---|
| | **Муаллим** | **Хонанда** |
| Зинаи аввал: Тайёрӣ | Эълон кардани мавзӯъ, мақсад, моҳият, мезони баҳо ва нақшаҳои пешбинишуда. | - |
| Зинаи сонӣ: Мукаддима | Шиносонидан бо қоидаҳои «Ҳуҷуми ақлӣ» ва баёни вазъият (масъала)-и муаммоӣ. | - |
| Зинаи саввум: Баёни ғояҳо. | Ғоя ва фикрҳоро дар тахта, тасмаи магнитӣ (магнитафон), видеолента, коғаз ва ғ. навиштан. | Баён кардани ғоя ва фикру мулоҳиза бобати масъала |
| Зинаи чорум: Таҳлил | Ташкили таҳлили ғояву фикру мулоҳизот дар асоси мезони баҳогузорӣ | Таҳлили ҳамҷоя дар гурӯҳҳо. Муайян кардани фикри дурусту саҳеҳ. |
| Зинаи панҷум: Ҷамъбаст, | Шарҳи муфассал ба ҳар фикр, таҳлили фаъолияти | |

| | | |
|---|---|---|
| таҳлил ва баҳогузорӣ. | умумии хонанда ва баҳогузорӣ | |

**Намунаи саволномаҳои кушод аз фанни адабиёт ҳангоми тадбиқи методи ҳуҷуми ақлӣ:**

- Чаро «Шоҳнома»-ро Султон Маҳмуд қабул накард?
- Фирдавсӣ дар достони «Сиёвуш» чаро чунин образи зани маккораро офарид?(Дар мисоли симои Судоба)
- Оё шӯҳрати инсонӣ танҳо тавассути ҷангу хунрезӣ ба даст дароварда мешавад? (Дар қиёси достонҳои «Шоҳнома»).
- Тадбиқи байти зерин ва арзиши ҳаётиву воқеии он:

  *Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,*
  *В-агарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.*

- Оё Ятимро метавон ватандӯсти ҳақиқӣ шуморид? (Дар повести «Ятим»-и С.Айнӣ)
- Дар достони «Хусрав ва Ширин» моҳияти образи Хусравро шарҳ диҳед.

**Савол ва супоришот:**

1. Моҳият ва мушаххасоти модели дарсҳои ноанъанавӣ ва шаклҳои махсуси он.
2. Модели дарси кашфи падидаҳои тоза ва хусусиятҳои муштараки он бо методи тадқиқотӣ.
3. Модели дарси лоиҳавӣ дар ҷараёни таълим ва арзиши он.
4. Мушкилоти ташкили дарсҳои ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими имрӯза ва тадбиқи он дар дарсҳои адабиёт.
5. Мазмун ва моҳияти методҳои интерфаъол ва принсипҳои тадбиқи онҳо дар дарсҳои адабиёт.
6. Муаммои масъалагузорӣ дар дарс ва роҳу равиши ҳаллу фасли он дар дарсҳои адабиёт.
7. Меъёр ва мавриди истифодаи методҳои наву ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик.
8. Афзалият ва нуқсонҳои моделҳои дарси ноанъанавӣ дар шароити имрӯз.

**Графикҳои органайзерӣ аз фанни адабиёт ва татбиқи онҳо.** Дар ҷараёни таълим имрӯза вобаста ба ислоҳотҳои наву тоза дар соҳаи таълим ва ташаккулу инкишофи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ислоҳ намудани ҷараёни таълим аз ҳар ҷиҳат роҳи муҳим ва мақбул ба шумор меравад. Дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик низ аллакай муаллимони фаъол ва пешқадам навигариҳои ҷиддиро дохил намудаанд. Аз давраи бозсозӣ сар карда то ба имрӯз

рӯ овардан ба системаи таълими мамлакатҳои мутараққӣ, ислоҳ намудани тарзи таълими анъанавӣ дар мактабу муассисаҳои таълимӣ, дуруст намудани шарт ва шароитҳои таълим, муҳимтаринаш тарбияи инсони комил ва кадрҳои баландихтисосу рақобатбардошт оғоз ёфтааст.

Ҷорӣ гардидани методҳои наву интерфаъол дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик, тавсия ва пешниҳод гаштани моделҳои таълим дар ҷараёни дарс яке аз ҷиҳатҳои муҳими ислоҳоти соҳаи таълим ба шумор меравад. Дар қатори нашр гардидани китобҳои дарсии авлоди нав, имрӯз тақозо карда мешавад, ки муаллими ҳар як фан соҳиби малака ва маҳорати хуби педагогӣ, дониши амиқи техникӣ бошад. Зеро дар ҷараёни тараққиёти тезсураи мамолики ҷаҳон, расидан ва будан дар қатори мамлакатҳои мутараққӣ аз талаботҳои муҳимтарини ҳукумат аст. Бинобар ҳамин пеш аз ҳама, ҷавонон ва наврасон бояд дуруст тарбия карда шаванд. Барои дуруст ва ҳамчун инсони комил тарбият намудани наврасону ҷавонони имрӯз аз имкониятҳои калони техника ва ресурсҳои маданӣ ва маърифӣ ба тариқи ратсионалӣ истифода бурдан лозим аст. Дар шароити имрӯза ва дар асоси тафаккури нави педагогӣ ин имкониятҳои техникӣ ва аз онҳо ба тариқи самаранок истифода намудан бори муаллими фанро низ қадре сабук менамояд. Мавзӯе, ки мо мавриди муҳокима қарор доданӣ ҳастем моҳиятан ва мазмунан нав аст. Навигарӣ дар он аст, ки имрӯзҳо на дар Ӯзбекистон ва на дар Тоҷикистон дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик масъалаи истифодаи графикҳои органайзерӣ ба таври алоҳида ҳамчун реферат ва ё кори дастҷамъие муҳокима нагардидааст. Ҳатто дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии дигар низ истифодаи ҷузъҳои мазкур дида намешавад. Дуруст аст, ки дар институтҳои Сервис, Университети Иқтисодиёти Тошканд дар зери таъсир ва нуфузи системаи таълими мамлакатҳои хориҷа, хусусан Руссия, Германияю Англия ва Франсия дар ҷараёни таълим корбаст ва мавриди истифода қарор гирифтани графикҳои органайзерӣ ба назар мерасад. Аммо то он ҷое, ки хабар дорем, дар ҷараёни таълими тамоми фанҳо дар ҳаҷми 100 фоиз истифодаи онҳо амалан сурат нагирифтааст.

Аз ин ҷиҳат, қадам ва кӯшишоте, ки дар ин самт мо пеш гирифтем, аз қадамҳои нахустин дар соҳаи методикаи таълими адабиёти тоҷик аст. Дар баррасии мавзӯъ дар асоси мушоҳидаҳои хеш вобаста ба мавзӯъҳои гуногун аз рӯи салоҳдиди худ тарзи истифода бурдани графикҳои органайзериро дар мисоли таълими адабиёти тоҷик аз назар мегузаронем. Ин фикру мулоҳизоти хешро аз ҳақиқати маҳз ва ҳукми охирон аст гуфтан дурем. Зеро дар ин ҷода ковишҳои илмӣ акнун оғоз гардидаанд ва минбаъд давом хоҳанд ёфт.

Графикҳои органайзерӣ (графикҳои схемавӣ, ҷадвалии ташкилкунанда) аз назари аввал ба ҳамон асбобҳои айёнии анъанавӣ монанд ҳастанд. Аммо ҳар як график ва ё диаграмма ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ва услубӣ соҳиб аст. Дар асоси мушоҳидаҳо ба хулосае омадем, ки муаллими фан моҳият ва мазмуни мавзӯъро дуруст сарфаҳм нарафта, ҳатто ҷадвали оддие сохта наметавонад. Бинобар ҳамин графикҳои органайзерӣ дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик низ арзиши муҳим дорад. Инро ҳам ба инобат гирифтан лозим аст,

ки гарчи оҳанги мавзӯъ марғуладор асту, он аз нигоҳи аввал нав метобад, дар назди муаллими соҳибтаҷриба, муаллиме, ки дониши муайяни илмӣ техникӣ дорад, бо сайтҳои Интернет кор карда метавонад, дар компютер ва праграммаҳои дастурии гуногуни он сару кор намудааст чандон мушкилӣ пеш намеорад.

Дар баробари ҳамин пеш аз ҳама моҳияти мавзӯъро мукаммалан бояд донист. Зеро ҳар як схема ва ё ҷадвал ба мавзӯи дилхоҳ мутобиқат намекунад. Дар асоси ба инобат гирифтани тоифа ва хусусияти графикҳои органайзерӣ бояд онро дар дарсҳои адабиёт тадбиқ намуд.

Имрӯз дар ҷараёни таълим дар баробари истифодаи воситаҳои техникии нав системаи муайяни воситаҳои таълим низ тавсия гардидааст, ки аз онҳо мунтазам истифода бурдан яке аз роҳҳои амалӣ намудани технологияи нави таълим ва тадбиқи он ба шумор меравад. Худ мафҳуми воситаҳои таълим аз чӣ иборат аст ва мазмуну моҳияти он чиҳоро фаро мегирад? Барои ба ин савол ҷавоб гирифтан ба як манбаи тоза муроҷиат менамоем.

***Воситаҳои таълим - маводи таълимиро ба тариқи айёнӣ тақдим намудан ва дар баробари ҳамин ҷиҳати таъмини самаранокии дарс васоити ёрирасонро низ мавриди истифода қарор додан аст.***

Васосити таълим низ вобаста ба мазмуну моҳияти худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад: Воситаҳои техникии таълим; ба воситаҳои техникии таълим видеопроекторҳо, диапроекторҳо, тахтаҳои махсус, филипчарт ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дигаре аз онҳо васосити ёрирасони таълимӣ ба шумор меравад ва ин навъи воситаҳои таълим аз ҷадвалҳо, схемаҳо, диаграммаҳо, кластерҳо, суратҳои гуногун, слайдҳо, графикҳо, муляжҳо, моделҳо, намунаҳои гуногуни илюстративӣ ва ғайраҳо таркиб ёфтааст. Дигаре аз воситаҳои таълим ин васосити таълимӣ ва услубӣ аст.

Яке аз ҷузъҳои муҳими воситаҳои таълим дар асоси технологияи нави таълим ҳамин **графикҳои органайзерӣ** ба шумор мераванд. Дар луғатҳо маънои аслии ин истилоҳ дарёфт нагардид. Вобаста ба моҳият ва сохту шакл ва шамоили ин мафҳум ба хулосае омадан мумкин аст, ки онро ба маънии графикҳои махсуси таъсисёфта низ истифода намуд. Дар китоби методистони номӣ Л.П.Голиш ва Д.М.Файзуллаева «Педагогик технологияларни лойиҳалаштириш ва режалаштириш» ба ин мафҳум чунин таъриф дода шудааст. Органайзерҳои графикӣ (ташкилкунанда) – ба тариқи айёнӣ тақдим намудани ҷараёни муайяни фикрӣ аст.[1] Албатта, ба ин фикр такя намудан мумкин аст. Моҳият ва арзиши органайзерҳои графикӣ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки маълумотҳо дар вобастагӣ бо моҳияташон дар асоси таснифоти муайян ва зимни таркибҳои гуногун ба тариқи силсилавӣ дода мешаванд ва

[1] Л.П.Голиш Д.М.Файзуллаева . Педагогик технологияларни лойиҳалаштириш ва режалаштириш.- Тошкент: ТДИУ. 2010. Саҳ.- 82.

маводи таълимӣ дар пайвандии мавзӯӣ, дар алоқамандии ҳамдигар омӯзонида мешавад. Ба таркиби органайзерҳои графикӣ ҷадвалҳои гуногун, схемаҳои мухталиф, диаграммаҳо, кластерҳо ва васосити дигар дохил мешаванд, ки як – як бо онҳо шинос хоҳем шуд.

Дар боло ба воситаҳои муҳимтарини таълими замонавӣ тааллуқ доштани органайзерҳои графикиро таъкид карда гузаштем. Мавриди он аст, ки дар бораи ҳар як аз ин графикҳои органайзерӣ ва хусусияту аҳамияти онҳо дар асоси схема ва ҷадвалу суратҳо истода гузарем. (Сурати 1).

**Сурати 1**




Дар асл пайдоиш ва омили муҳимтарини ба вуҷуд омадани графикҳои органайзерӣ дар асоси принсип ва тамоюли **«Як маротиба дидан аз сад маротиба шунидан афзалтар аст»** падид омадааст. Ин мақол дар ҷараёни истифодаи органайзерҳои графикӣ ҳамчун шиори асосӣ хизмат менамояд. Зеро тавассути дидан фаҳм ва дарк намудани мавзӯъ нисбат ба шунидани мазмуни он афзалтар аст. Дар ин ҷараён ду ҳисси инсон кор мекунад. Зеро яке аз шартҳои муҳимтарини тафаккури нави педагогӣ ҳам дар доираи имкон ба тариқи васеъ истифода намудани ҳисҳои инсон- хонандагон дар ҷараёни таълим аст. Инчунин ҳар як графики органайзерӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар асоси мунтазам истифода бурдани графикҳои органайзерӣ тафаккури таҳлилию мантиқии хонандагон шакл мегирад ва барои ривоҷёбии онҳо заминаи муҳим фароҳам меорад.

Вобаста ба моҳияту мазмунашон графикҳои органайзерӣ ба тоифаҳои гуногун тақсим мешаванд. Масалан, вобаста ба он ки маълумотҳо ба тариқи вобастагӣ ба моҳияташон дар асоси таснифоти муайян ва дар зимни таркибҳои гуногун ба тариқи силсилавӣ дода мешаванд ва маводи таълимӣ дар пайвандии мавзӯӣ, дар алоқамандии ҳамдигар дода мешавад графикҳои органайзерии зеринро истифода намудан дар ҷараёни дарс мувофиқи матлаб аст. Яъне, кластер, ҷадвали тоифавӣ ва ё таснифотӣ, ҷадвали инсерт, ҷадвали М/ДМ/Д (Медонам, Донистан мехоҳам, Дониста гирифтам). Бояд эътироф намуд, ки вобаста ба лаёқату ҳаракат ва малакаву маҳорат, таҷрибаву донишҳои фардии муаллим дар мавзӯъҳои мухталиф аз графикҳои органайзерӣ истифода бурдан мумкин аст.[2]

Агар бо тақозои мавзӯъ маълумотҳо тавассути усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ такдим гарданд, пас муаллим метавонад аз диаграммаи Венна истифода барад. Агар мавзӯи мавриди тадрис барои муайян намудани муаммо, ҳал намудани он, таҳлил кардани он, ба нақша гирифтани мавзӯъ бахшида шуда бошад пас, аз грфикҳои органайзерии «Барои чӣ?», «Скелети моҳӣ», «Пирамида», «Гули нилуфар», «Чӣ тавр?» диаграммаи иерархикй, схемаи таркибию мантиқии «Каскад» ва ғайраҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Ҷадвали “ИНСЕРТ”.** Дар ҷараёни хониши мустақилона, ва барои ба системаи муайян даровардани маълумотҳои нав, барои тасдиқи маълумотҳо, муайян намудани дақиқии онҳо, мушоҳида намудани онҳо, ба мавод ва материалҳои дарсҳои гузашта алоқаманд намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Ин ҷадвал барои дар ҷараёни хониш ба системаи муайян даровардани маълумотҳо аҳамияти махсусро молик аст. Дар ҷараёни таълим муаллим аввал бо қоидаи инсерт шинос менамояд ва ба таври алоҳида ё гурӯҳҳо дар асоси матн ҳар як талаба ҷадвалро мувофиқи лаёқати худбо ишора валоматҳои шартӣ пур мекунад.

***“V”- бо маълумотҳои дар ман буда мутобиқ;***

***“-“ - бо маълумотҳои дар ман буда зид;***

***“+” – барои ман маълумоти нав;***

***“?” – барои ман маълумоти номафҳум, нофаҳмо.***

Аҳамияти ҷадвали мазкур дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки тавассути он муаллим метавонад пешакӣ оиди мавзӯъ ҷузъҳои муҳимтаринро ба нақша гирад, кадом масъалаҳоро амиқтар фаҳмонад ва ба кадом қисматҳои мавзӯъ эътибор диҳад. (Сурати 2).

**Сурати 2**

[2] Органайзер. Microsoft Outlook. Как инструмент… upr.org.ru/Articles. Outlook/htm.

## Чадвали инсерт

(Дар асоси матни тарчумаи холи Рудакии Самаркандӣ)

| V | + | – | ? |
|---|---|---|---|
| Рудакӣ асосгузори адабиёти форсу точик | Рудакӣ шоири зиндадилу, зиндаёд аст. У шоирест мисли Гоммер. | Кабри у дар мазори Панчоби Самарканди кунунӣ аст. | Вай мактаби бузурги адабӣ бунёд намуд ва он то ба имруз идома дорад. |
| Рудакӣ маликушшуарои дарбори Сомониён аст | Вай «Калила ва Димна»-ро аз арабӣ ба форсӣ точикӣ тарчума кардааст. | Рудакӣ шоири кури модарзод аст | Дар бораи вай тадкикоти мухимтаринро Р.Ходизода ба сомон расонидааст. |

5

**Кластер.** (*Кластер - даста, баста*) - роҳи сохтани харитаи ахборӣ, марказонидани мазмун ва моҳияти фикрҳои асосӣ, ва муайян намудани роҳи ҳаллу фасли масъала дар атрофи ягон омили муҳиму амиқ ҷамъ намудани ғояҳои гуногун аст. Он ба тарзи схема – диаграммаҳои гуногун дар шаклҳои чоркунҷа ва ё дар шакли доира дода мешавад. Арзиши ин хема дар ҳамин аст, ки фаъолиятро дар ҷараёни таълим метезонад, ҷараёни фикрронирo ба системаи муайян медарорад, барои тасаввуроти озоду кушод замина фароҳам меорад. Онро схемаи таснифотӣ ва ё классификаторӣ низ номидан мумкин аст. Тарз ва роҳҳои сохтани ин ҷадвал ва ё схема дар қарори зерин аст: Дар коғази калон ва ё тахтаи синф мавзӯи асосии баста-кластер навишта мешавад. Кластер схемаи муайянест, ки бевосита ба масъалаҳои таснифшаванда мувофиқат мекунад. Дар шакли доира ва ё чоркунҷа масъалаи асосӣ ва ё мавзӯъ навишта мешавад ва бевосита ҷузъиёт ба таври алоҳида дар доираҳои гуногун ва ё чоркунҷаҳои гуногун тавассути хатҳои векторӣ пайванд карда мешаванд. (Сурати 3).

**Сурати 3**






Кластер дар бораи методхои асосии таълим

**Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) дар асоси мавзӯъ, матни муайян, боб, параграф санҷиши дониши хонандагонро имконият медиҳад. Ин ҷадвал низ барои тафаккуроти системавӣ, танзим ва мураттабии фикрҳо, таҳлил намудан ташаккул додани малака ва маҳорати хонандагон, санҷиши ҷиддии донишҳои онҳо, муайян намудани савия ва ҳақиқати ҳол дар синф аҳамият дорад. Хонандагон аввал дар бораи қоидаи сохтани ҷадвал шинос мешаванд ва дар асоси гурӯҳ ва ё ба тариқи фардӣ

чадвалро пур мекунанд. Дар асоси саволҳои “Дар асоси мавзӯъ чиҳоро медонед?” ва “Чиҳоро донистан мехоҳед?” (барои иҷрои супоришот аз ҷониби муаллим дастурҳои муайян дода мешавад). Дар ҳамин асос хонандагон қисмҳои 1-ум ва 2-юми чадвалро пур мекунанд. Маърузаро гӯш мекунанд ва ба тариқи мустақилона мехонанд. Дар асоси гурӯҳҳои хурд кисми сеюми чадвалро пур мекунанд. Чуноне, ки маълум гардид истифодаи графики органайзерии мазкур дар чараёни дарс ва машғулотҳои амалӣ аҳамияти калон дорад. Инчунин мумкин аст, ки пеш аз маърӯза низ муаллим сохтани чадвали инсертро ба хонандагонвазифа диҳад.(Сурати 4).

**Сурати 4**


Чадвали М/ДМ/Д

(Дар асоси мавзуи мероси адабии А.Чомй)

| Медонам | Донистан мехохам | Дониста гирифтам. |
|---|---|---|
| •Дар бораи мероси адабии Чомй маълумотхо ба тарзи умумй.<br>•Таркиби «Хафт авранг»-и Чомй,<br>•Жанрхои асосии девони Чомй.<br>•Мавзухои асосии осори А.Чомй.<br>•Соли нашр ва хачми ар як асари Чомй.<br>•«Бахористон» ва мазмуну мундаричаи гоявии ин асар. | •Дар бораи хусусиятхои бадеии ашъори лирикии шоир.<br>•Достон ва маснавиёти таркиби «Хафт авранг» ва масъалахои асосии он.<br>•Дар борал боби хафтуми «Бахористон»<br>•Дар борал «нафохот-ун-унс» (батафсилтар)<br>•Дар борал газалиёти шоир ва мазмуну мундаричаи онхо. | |

9

**Диаграммаи Венна** – барои муҳокима, ҳаллу фасл ва муқосиаи ду ва зиёда ҷиҳатҳои як масъала ва ё паҳлӯҳои умумии он, ёки ба ҳам зид гузоштан ва ё ба мизон гузоштан масоили мухталиф истифода мешавад. Малакаи ба тарзи системанок фикр рондан, муқоиса намудан, таҳлил кардан дар тафаккури хонанда инкишоф меёбад. Дар асоси ҳамфикрӣ ҷуфт-ҷуфт сохтани диаграммаҳо ва мқоисаи фикру мулоҳизаҳои дар дохили диаграммаҳо дарҷгардида амали толибилмон аст. Диаграммаи Венна вобаста ба ҳаҷму мӯҳтаво ва меҳвару масштаби масъала ва мавзуъ аз ду ва ё се доира ташкил шуданаш мумкин аст. Дар ин диаграмма масъалаҳое ба ҳамдигар дар мизон

гузошта мешаванд, ки аҳамияти муҳими илмӣ назарӣ доранд, онҳоро аз ягон ҷиҳат ба ҳамдигар қиёс намудан мумкин аст, аз ягон ҷиҳат бо ҳамдигар хусусияти муштаракдоранд. Дар буриши ду ва ё се доира ҷузъи умумии масъаларо, хусусиятҳои айниятию муштараки ин ду ҳодиса ва ё масъала навишта мешавад. (Сурати 5).

**Сурати 5**




**Схемаи «Барои чӣ?»**-занҷир ва ё силсилаи афкор, ғоя, фараз ва ҷавобҳоест, ки барои муайян намудани сабабҳои муҳимтарини падид омадани муаммо истифода бурда мешавад. Барои ташаккули тарзи тафаккури системанок, тафаккури эҷодӣ ва таҳлилӣ арзиши махсус дорад. Муаллим дар ҷараёни тадрис хонандагонро бо қоидаи схемаи «Барои чӣ?» шинос менамояд ва аз рӯи мавзӯъ ва ё масъалаву нуқтаи асосии мавзӯъ саволи «Барои чӣ?»-ро медиҳад. То ҳаллу фасли мукаммал ва нуқтаи охирини масъалаи гузоришёбанда схема давом мекунад. Дар асоси тақсим шудан ба гуруҳҳои хурд схемаи мустақилонаи худро кашида ҳар як гурӯҳ дар алоҳидагӣ роҳҳои ҳалли муамморо дар доира ва ё чоркунҷаҳо менависанд. Ин схема барои таҳлил ва такмил додани тафакури илмӣ, малакаи ҷустуҷӯии ӯ дар бораи ягон масъалаи муҳим аҳамияти калон дорад. Дар мавриди истифодаи метод ва ё дарсҳои тадқиқотӣ, кашфи падидаҳои тоза аз схемаи мазкур истифода бурдан аҳамияти ба худ хос дорад. (Сурати 6).

**Сурати 6**




**Накшаи «Скелети моҳӣ»** (Сурати 7) имконияти ҳаллу фасл ва тасвири масъалаҳои муштараку мантиқан ба ҳам пайвандро медиҳад. Барои ташаккули тарзи тафаккури системанок, эҷодӣ ва таҳлилӣ арзиши махсус дорад. Бо қоида ва қонуниятҳои сохтани нақша шинос мешаванд. Ба тарзи фардӣ ва ё гурӯҳӣ дар устухонҳои болоии скелети моҳӣ муаммоҳои хурд ва дар қисми поёнӣ бошад, далелу санадҳои исботкунандаи ин муаммоҳо навишта мешаванд. Дар гуруҳҳои хурд муаммо ва масъала ҳаллу фасл карда мешавад, муқоиса мекунанд ва ба муаммои асосӣ бармегарданд. Дар қисми думи моҳӣ тамоми хулосаҳои умумӣ, ҳалли охирон ва ё ҳукми охирон дар бораи масъалаи мавриди назар баровардa мешавад. Дар истифодаи схемаи мазкур масъалаҳои парадоксӣ ва баҳсталабро низ ба ҳам муқобил гузоштан мумкин аст.

**Сурати 7**




**Нақшаи “ГУЛИ НИЛУФАР”** – воситаи ҳаллу фасли муаммо ва масъала аст. Шакли «гули нилуфар»ро дорад. Асоси онро 9 чоркунҷаи калон ташкил менамояд. Барои ташаккули тарзи тафаккури системанок, эҷодӣ ва таҳлилӣ арзиши махсус дорад. Нақшаро дар гурӯҳҳо ва ба тарзи индивидуалӣ мекашанд. Дар маркази нақша – «Гули нилуфар» муаммои асосӣ – ғояи асосӣ ва ё вазифаи асосиро менависанд. Роҳҳои ҳаллу фасл ва ғояҳои ба ин муаммо вобаста буда дар атрофи он, дар дохили хар як чоркунча навишта мешавад. Ин нақша характери таснифотӣ ва тоифавӣ низ дорад. Дар чоркунҷаҳои атрофӣ- яъне шохаву баргҳои гули нилуфар, ки онҳо ҳам аз 9 чоркунҷа иборатанд, ғояҳо ва масъалаҳои дигарро менависанд. Онҳо низ ҳамчун муаммоҳои алоҳида ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар ҳар як чоркунҷа муаммо ва ё масъалаи ҷудогонаро ҳаллу фасл ва ё тасниф менамоянду ба тоифаҳои гуногун тақсим менамоянд. Онҳо низ ҳамчун муаммоҳои алоҳида навишта мешаванд. (Сурати 8)

**Сурати 8**




Дар асоси Низоми таълим, Қонунҳо дар бораи таълим ислоҳ намудани чараёни таълими адабиёти тоҷик амри табиӣ ва воқеӣ дорад. Азбаски дунё ва ҳамҷамъиятии умумҷаҳонӣ дар суратҳои тез инкишоф ва ривоҷ ёфта истодааст, муназаман ислоҳ намудани структураи таълими адабиёти тоҷик, нашр намудани авлоди нави китобҳои дарсӣ, ба талаби замон ва воқеияти давр мутобиқ намудани мазмуну мундариҷаи онҳо аз шартҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳамин тариқ воситаҳои таълим тамоми аҷсом ва лавозимоти таълимиеро фаро мегирад, ки муаллим дар чараёни дарс имконияти мавриди истифода қарор додани онро дорад. Ба ин чиз ҳам китобҳои дарсӣ, материалҳои иловагӣ, рӯйхати адабиёти истифодашаванда, воситаҳои ёрирасон, асбобҳои айёнӣ, харитаҳои технологӣ, нақшаҳои тақвимии мавзӯъҳо, лоиҳаҳо ва ғайраҳо дохил мешавад. Графикҳои органайзерӣ низ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ҳамин воситаҳои таълим ба шумор меравaнд.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛИИ

### *1.* Тарзи татбиқи графикҳои органайзерӣ дар чараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи графикҳои органайзерӣ аз рӯи мавзӯъҳои мухталифи забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи графикҳои органайзерӣ ва сохту структураи онҳо дар дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавӣ.

9. **Гузоришоти масъала:** Фаҳмиши гарфикҳои органайзерӣ ва тарзи татбиқи онҳо дар амал. Шарҳ ва тавзеҳи истилоҳоти нав. Методҳои инноватсионии тақдимотӣ ва тарзи

амалан татбиқ намудани онҳо. Методи сукрот ва дискссия ва дебат дар ҷараёни таълим ва моҳтяти ин методҳо. Мавқеи таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим. Шахсияти хонанда ва муҳимияти ба инобат гирифтани он дар ҷараёни таълим. Роҳҳои асосии тадбтқи ҷараёни таълим дар мактабҳри таълими ҳамагонӣ. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Аз шунавандагон ҳаллу фасл ва кушода мазмун ва моҳияти ҳар як графики органайзерӣ ва тарзи татбиқи он дар дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавӣ, афзалият ва нуқсонҳои асосии моделҳои дарс ва мушкилот дар ин самти кор.

**Саволҳои назоратӣ**

14. Мафҳуми «технологияи педагогӣ» ва « технологияи таълим». Мазмун ва моҳияти ин мафҳумот.
15. Омилҳои интишор ва ташаккули технологияи нави таълим дар муассисаҳои таълимӣ.
16. Ҷараёни таълим. Сохт ва структураи нави он.
17. Тарзи таълими адабиёт ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.
18. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.
19. Зарурияти таҷдиди тарзи таълим ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
20. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими адабиёт дар мактаб.
21. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.

**Адабиёт:**


12. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
13. С.Х.Хўҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.
14. Т.Миров, Қ.Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1991.

**Сайтҳои интернет:**

**http://www.skachatreferat.ru/**

tg.wikipedia.org› Абдурахмон Ҷомӣ

http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid
http://dic.academic.ru/
http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...

***Машғулоти амалии 1.*** **Сохт ва структураи тарҳи маърӯза ва машғулотҳои амалӣ дар асоси технологияи нави таълим**

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи моделҳои наву ноанъанавии дарс, тарҳ ва сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи маърӯза ва ба инобат гирифтани сохтори нави он, маърӯзаҳои бинарӣ ва вебинарӣ.

**Гузоришоти масъала:** Сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълим, тамоюлоти асосии тарҳи маърӯзаҳо ва машғулоти амалӣ, татбиқи технологияи нави таълим дар ҷараёни маърӯза ва машғулотҳои амалӣ, маърӯзакунанда ва талаботи асосӣ ба маърӯзакунандаҳо. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Барои шунавандагон нишон додани тарҳи навини маърӯза ва шаклҳои инноватсионии он, тарҳи маърӯзаҳои шифоҳӣ, бинарӣ ва вебинарӣ.

**Саволҳои назоратӣ**

22. Тарзи таълими забон ва адабиёт ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.
23. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълим.
24. Зарурияти таҷдиди тарзи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
25. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ.
26. Тайёрӣ ба тарзи таълими масофавӣ. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.

**Адабиёт:**

15. Т.Миров, Қ. Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе: Маориф,1991.
16. Т.Миров. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.
17. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.

18. Й. Юнусов. Педагогика – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. 380 саҳ.
19. С.Х.Хӯҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.

**Сайтҳои интернет:**

http://www.skachatreferat.ru/
tg.wikipedia.org› Абдурахмон Ҷомӣ
http://yandex.ru/Адабиёти+тоҷик&clid
http://dic.academic.ru/
http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...

**Мавзу юзасидан тавсия этиладиган асосий адабиётлар:**

1. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
2. С.Х.Хӯҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.
3. Т.Миров, Қ.Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1991.

## V. ГЛОССАРИЙ

| Термин | Тожик тилидаги шархи |
|---|---|
| **Илюстратсия** | Истифодаи васоити тасвирӣ-илюстративӣ ҳангоми таълим. Тавассути ин метод маълумот ба тарзи тасвирӣ ва ё ба воситаи символҳо, аломатҳо, фигураҳо расонида мешавад. |
| **Демонстратсия** | Муаллим тавассути ҳаракат ва дар асоси истифодаи асбобҳои махсус, предмет ё дигар васоитҳо вобаста ба маводи таълим дарси намоишӣ мегузаронад. Дар он қобилияти биноии хонанда такмил дода мешавад. |
| **Дарси моделизацияшуда** | Дарси моделизацияшуда воқеа ҳодисаҳои ҳаётию воқеиро дар шакли бозӣ дар асоси лоиҳаҳо ва нақшаҳои муайян ҳангоми дарс тавассути методҳои мухталиф татбиқ кардан аст кардан, таъм ҳис кардан, ҳазм кардан, ламсидан. |
| **Бозии имитационӣ - тақлидӣ-сунъӣ** | Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданиро ба тарзи сунъӣ ва ё қалбакӣ тақлид намудан ва онро дар амал, дар ҷараёни дарс татбиқ намудан. |

| | |
|---|---|
| **«Пинборд»** | Пинборд калимаи англисӣ буда, «pin» – мустаҳкам намудан, «board» – тахтаи синф аст. Методи мазкур шакли хаттии методи «ҳуҷуми ақлӣ» буда, бобати масъалаи муаммоӣ фикр ва мулоҳизоти хонандагон дар коғазҳои хурд натвисонда мешавад ва онҳо дар тахтаи синф часпонида мешаванд. |
| **Тренинг** | Дар асоси дониши хонандаи фард ё гурӯҳи хонандагон ба роҳ мондани ҷараёни таълим. – Дар асоси ин услуб хонандагон аз рӯи мавзӯи муайян ё муаммову масъалаи маълум бо ҳамдигар ахборот медиҳанд, радду бадали фикр менамоянд ва донишу илми худро тавассути ахбороти мадиду кӯтоҳ бо дигарон ба ҳам мебинанд. |
| ***Конференция*** | Як навъи назорати марравӣ буда, асосан, дар давоми чорякҳо ё худ дар давоми соли хониш бамаврид гузаронида мешавад. Конференцияро дар асоси фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида аз фанни адабиёт гузаронидан мумкин аст. Ташкили конференсияҳо аз муаллими фан эътибори махсусро тақозо менамояд,, зеро ҳар як анҷумани илмӣ мақсад ва мароми муайян бояд дошта бошад. |
| **Чархфалак.** | Методи ноанъанавӣ буда, дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад. |
| **Референдум** | Дар давоми дарс муаллим вазъияти баҳснокро ба вуҷуд меоварад ва онро идора менамояд. Дар ин шакли дарс фикру мулоҳизоти баҳспазири тарафҳоро ба овоз мондан, бобати ҳар як фикри манзургашта муқобилҳо, тарафдорон ва бетарафҳоро муайян кардан, шунидани далелу фикрҳо ва фактҳои тарафҳо, боз ба овоз мондани ҷавобҳо ва хулоса намудани мавзӯъ ва масъала ҷузъи муҳим аст. |
| **«Ҳуҷуми ақлӣ» - “Брейншторминг”** | Методи «ҳуҷуми ақлӣ» бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, ва илмии хонандагон барои дар гурӯҳҳо ҳал кардани масъалаи эҷодӣ, нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ, интихоби саҳеҳтарин ва муҳимтарин роҳи ҳалли муаммо ва мушкилот, масъалаи ҷудогонаи |

| | |
|---|---|
| | эҷодӣ – илмӣ ва падид овардани ғояҳо, фаразҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, дар бораи мавзӯи мавриди назар истифода бурда мешавад. |
| **Графикҳои органайзерӣ** | Графикҳои органайзерӣ (графикҳои схемавӣ, ҷадвалии ташкилкунанда) аз назари аввал ба ҳамон асбобҳои айёнии анъанавӣ монанд ҳастанд. Аммо ҳар як график ва ё диаграмма ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ва услубӣ соҳиб аст. Дар асоси мушоҳидаҳо ба хулосае омадем, ки муаллими фан моҳият ва мазмуни мавзӯъро дуруст сарфаҳм нарафта, ҳатто ҷадвали оддие сохта наметавонад. |
| **Ҷадвали "ИНСЕРТ".** | Дар ҷараёни хониши мустақилона, ва барои ба системаи муайян даровардани маълумотҳои нав, барои тасдиқи маълумотҳо, муайян намудани дақиқии онҳо, мушоҳида намудани онҳо, ба мавод ва материалҳои дарсҳои гузашта алоқаманд намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Ин ҷадвал барои дар ҷараёни хониш ба системаи муайян даровардани маълумотҳо аҳамияти махсусро молик аст. |
| **Кластер. (*Кластер - даста, баста*)** | **Кластер. (*Кластер - даста, баста*)** - роҳи сохтани харитаи ахборӣ, марказонидани мазмун ва моҳияти фикрҳои асосӣ, ва муайян намудани роҳи ҳаллу фасли масъала дар атрофи ягон омили муҳиму амиқ ҷамъ намудани ғояҳои гуногун аст. Он ба тарзи схема – диаграммаҳои гуногун дар шаклҳои чоркунҷа ва ё дар шакли доира дода мешавад. Арзиши ин хема дар ҳамин аст, ки фаъолиятро дар ҷараёни таълим метезонад, ҷараёни фикррониро ба системаи муайян медарорад, барои тасаввуроти озоду кушод замина фароҳам меорад. Онро схемаи таснифотӣ ва ё классификаторӣ низ номидан мумкин аст. |
| **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) | **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) дар асоси мавзӯъ, матни муайян, боб, параграф санҷиши дониши хонандагонро имконият медиҳад. Ин ҷадвал низ барои тафаккуроти системавӣ, танзим ва мураттабии фикрҳо, таҳлил намудан ташаккул додани малака ва маҳорати хонандагон, санҷиши ҷиддии донишҳои онҳо, муайян намудани савия ва ҳақиқати ҳол дар синф аҳамият дорад. |
| **Диаграммаи Венна** | **Диаграммаи Венна** – барои муҳокима, ҳаллу фасл ва муқосиаи ду ва зиёда ҷиҳатҳои як масъала ва ё паҳлӯҳои умумии он, ёки ба ҳам зид гузоштан ва ё ба мизон гузоштан масоили мухталиф истифода мешавад. Малакаи ба тарзи системанок фикр рондан, муқоиса намудан, таҳлил кардан дар тафаккури хонанда инкишоф меёбад. Диаграммаи Венна вобаста ба ҳаҷму мӯҳтаво ва меҳвару масштаби масъала ва мавзуъ аз ду ва ё се доира ташкил шуданаш мумкин аст. |

# ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИ ЎҚИТИШ УСЛУБИЁТИ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Методҳои асосии омӯзиши мавзӯъҳои обзорӣ.** | *Индукция ва дедукция. | Индукция, дедукция, таърихӣ, муқоисавӣ. | Тарихӣ ва муқоисавӣ. | Сӯҳбат, маърӯза, таърихӣ, мулоқот. |
| **Масъалаҳои асосии омӯзиши мавзӯъҳои обзорӣ аз фанни адабиёт.** | *Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, мактаб ва равияҳои адабӣ, сабкҳои адабӣ, таҳаввул ва ташаккули жанрҳо. | Ҳёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, чеҳраҳои адабӣ. | Масъалаҳои сиёсӣ, таърихӣ, ичтимоӣ, маданӣ ва фарҳангӣ. | Ҳаёти сиёсӣ, маданӣ, чеҳраҳои адабӣ, масъалаҳои танқид ва назарияи адабиёт. |
| **Ҳангоми омӯхтани асари бадей дар мактаби миёна кадом талаботҳо ба инобат гирифта мешаванд?** | *Хусусияти синнусолӣ ва психологиии талабагон. | Мувофиқати услуби омӯзиш бо принципи омӯзиш. | Ба инобат гирифтани вазифа ва моҳияти усулҳои таълим, мазмун, мундарича ва ҳачми маводи таълим. | Ҳамаи чавобҳо дурустанд. |
| **Ҳангоми таҳлили асарҳои бадей кадом методҳои таълимӣ истифода мешаванд.** | *Индукция ва дедукция, сӯҳбат, накл, қироат. | Сӯҳбат, накл қироат, | Мустақилона омӯхтани асар чузъй. | Муқоиса, мушоҳида. |
| **Индукция чист?** | *Методи мантиқиест, ки дар асоси принсипи аз чузъй ба куллиёт гузаштан дар дарсҳои адабиёт осори бадей таҳлил карда мешавад. | Усули психологии таълими асари бадей аст, ки дар асоси он асари бадей ба тарзи чузъй таҳлил карда мешавад ва қисматҳои асосии он ба эътибор гирифта мешавад. . | Аз умумӣ ба хусусӣ гузаштан аст. | Методи педагогиест, ки дар асоси аз хусусӣ ба умумӣ гузаштан ва аз чузъиёт ба куллиёт гузаштан аст. |
| **Дедукция кадом метод аст?** | *Методи мантиқиест, ки барои хулосабарорӣ ва натичабардорӣ дар асоси аз умумӣ ба хусусӣ гузаштан ва куллиёт ба чузъй гузаштан асари бадей таҳлил карда мешавад. | Методҳои махсуси педагогика ва психология буда, ҳангоми таҳлили чиҳатҳои умумии асар истифода мешавад. | Методи махсуси психология аст, ки барои хулосабарорӣ истифода мешавад. | Аз умумӣ ба хусусӣ гузаштан аст. |
| **Чавҳари асосии методи сӯҳбатро чи ташкил менамояд?** | *Саволу чавоб, таҳлил, хулоса, чамъбаст. | Мушоҳида, муколама, диалог, таҳлил. | Саволу чавоб, хулоса. | Саволу чавоб, мушоҳида, мулоқот, таҳлил, хулоса. |
| **Сӯҳбати эвристикӣ чист?** | *Муколамае, ки дар асоси радду бадали фикрҳо ва саволу чавоби мукаммалу мушаххас гузаронида мешавад. | Сӯҳбати кӯтоҳе дар бораи масъалаҳои мухталиф. | Сӯҳбате, ки дар асоси саволҳои мухталифи гуногунҳачм гузаронида мешавад. | Сӯҳбати мухтасар |
| **Арзиши методи сӯҳбат бештар ҳангоми омӯхтани кадом қисми асари бадей ва таҳлили он зоҳир мегардад?** | *Ҳангоми пайдар пай ва зина ба зина омӯхтани сюжети асари бадей. | Ҳангоми омӯхтани мазмун ва мундаричаи ғоявии асари бадей. | Ҳангоми омӯхтани образҳои асоии асарҳои бадей. | Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои жанрии асари бадей. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Методи нақл чист ва намудҳои он кадом аст?** | *Нақл методи даҳонӣ-шифоҳи буда, ба 4 намуд: нақли муаллим, нақли хонанда, нақли устоди сухан ва нақли муаллиф тақсим мешавад. | Нақл методи шифоҳист ва бевоситаю бавосита мешавад. | Нақл методи анъанавист ва пурраю нопурра мешавад. | Нақл методи даҳонӣ буда шакли мухтасар ва мукаммал дорад. |
| **Намудҳои методи қироатро нишон диҳед.** | *Декламационӣ ва хониши овозӣ. | Хониши эзоҳӣ ва бадеӣ. | Хониши ифоданок ва оддӣ. | Қироат, овозӣ ва хомӯшона. |
| **Методи тадқиқотӣ ҳамчун методи анъанавӣ.** | *Тадқиқот зинаи баланди фаъолиятнокии хонанда буда, барои амиқан дарк намудан ва комилан фаро гирифтани тамоми ҷузъиёти мавзӯъ лозим аст. | Тадқиқот зинаи баланди фаъолиятнокии муаллим буда, барои амиқан дарк кардани мавзӯъ лозим аст. | Методи тадқиқот дар асоси масъалаҳои ҷузъитарини асар бо супориши муаллим гузаронида мешавад. | Ҷустуҷӯ намудан дар бораи мавзӯъ. |
| **Арзиши методи тадқиқотиро нишон диҳед.** | *Хонандаро ба ҷустуҷӯ кардан, фикр намудан, таҳлил намудан ва хулоса баровардан одат мекунонад. | Малака ва маҳорату дониши хонандаро такмил медиҳад. | Дониши назарӣ ва илмии хонандаро мустаҳкам менамояд. | Хусусиятҳои фардию фазилатҳои фардии талабаро такмил медиҳад. |
| **Принципҳои асосии таҳлили асари бадеиро нишон диҳед.** | *Ба ҳисоб гирифтани алоқаи асар бо ҳаёт, таърихӣ, ягонагии шакл ва мазмун, тарбиявӣ ва маърифатӣ, муқоисавӣ, робитаҳои адабӣ. | Ба тарзи хронологӣ ва пай дар пай омӯхтани асар. | Муайян намудани асар бо заманаҳояш, робитаҳои адабӣ, алоқаи асар бо ҳаёт. | Муайян кардани аҳамияти асар аз ҷиҳати арзиши сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тарбиявию ахлоқӣ. |

***Мавзӯъҳо барои корҳои хатмӣ***

1. *Принсипи анъанавият дар ҷараёни таълим.*
2. *Дарсҳои анъанавӣ ва арзиши онҳо дар ташкили ҷараёни нави таълим.*
3. *Сохтори дарсҳои анъанавӣ ва моҳияти таснифи дарс ба қисматҳои ҷудогона.*
4. *Имконияти таълимдиҳии муаллим ва дараҷаи таълимгирии хонанда дар дарсҳои анъанавӣ ва меъёрҳои он.*
5. *Фарқ ва тафовутҳои дарси анъанавӣ аз модели дарсҳои ноанъанавӣ.*
6. *Принсипҳои таснифоти методҳои дарси анъанавӣ.*
7. *Афзалияти методҳои шифоҳӣ дар таълими фанни адабиёт дар мактабҳои умумтаълимӣ.*
8. *Мушаххасоти методҳои маърӯза ва сӯҳбат дар ҷараёни таълими адабиёт.*

9. *Структураи методи маърўза ва тағйири сифатии он дар дарсҳои адабиёт.*
10. *Моҳият ва мушаххасоти модели дарсҳои ноанъанавӣ ва шаклҳои махсуси он.*
11. *Модели дарси кашфи падидаҳои тоза ва хусусиятҳои муштараки он бо методи тадқиқотӣ.*
12. *Модели дарси лоиҳавӣ дар ҷараёни таълим ва арзиши он.*
13. *Мушкилоти ташкили дарсҳои ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими имрўза ва тадбиқи он дар дарсҳои адабиёт.*
14. *Мазмун ва моҳияти методҳои интерфаъол ва принсипҳои тадбиқи онҳо дар дарсҳои адабиёт.*
15. *Муаммои масъалагузорӣ дар дарс ва роҳу равиши ҳаллу фасли он дар дарсҳои адабиёт.*
16. *Меъёр ва мавриди истифодаи методҳои наву ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик.*
17. *Афзалият ва нуқсонҳои моделҳои дарси ноанъанавӣ дар шароити имрўз.*

**Машқи 1.**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Методи тадқиқот чист ва кадом хусусиятҳоро дорост?** |
| **Ҷавоб** | **Методи тадқиқот** Нуқтаи баландтарини азхудкунӣ буда, аз рўи фанни адабиёт ҳангоми омўхтани курси таърихи адабиёт, дар синфҳои болоӣ истифода бурдан мумкин аст. Методи мазкурро муаллим мувофиқи хоҳиши худ, дар баррасии ягон муаммо ва ё мушкилоти хурде, ки ҳоло омўхта нашудааст ва хонандагон имконият ва қобилияти дар ин бобат тадқиқот бурдан доранд |
| **Савол** | **Афзалиятҳои методи "ҳуҷуми ақлӣ" дар кадом қарор аст?** |
| **Ҷавоб** | а) дар гурўҳҳо дар ҳамкорӣ кор кардан ва дарс омўхтан дар асоси ба инобат гирифтани дониш, малака ва таҷрибаи ҳар як хонанда аз ҷониби дигарон андўхта мешавад, маводи таълимӣ амиқтар омўхта мешавад.<br>б) дар мобайни аъзоёни гурўҳ ва дар байни гурўҳҳои мухталиф мулоқоти зинда барқарор карда мешавад, баҳсу мунозираро ба вуҷуд меоварад, ҳамкорӣ ва ҳисси масъулиятшиносиро нисбати ҳамдигар ташаккул медиҳад.<br>в) ҳар як аъзои гурўҳ барои дигарон низ масъул будани худро ҳис менамояд.<br>г) нисбат ба иҷрои корҳои мастақилона дар дарси мазкур вақт камтар сарф карда мешавад. |

| | |
|---|---|
| | д) сифат ва дараҷаи таълимгирӣ дар ин шакли дарс нисбатан баландтар аст. |
| **Савол** | ***Графикҳои органайзерӣ чист?.*** |
| **Ҷавоб** | Органайзерҳои графикӣ (ташкилкунанда) – ба тариқи айёнӣ тақдим намудани ҷараёни муайяни фикрӣ аст. Албатта, ба ин фикр такя намудан мумкин аст. Моҳият ва арзиши органайзерҳои графикӣ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки маълумотҳо дар вобастагӣ бо моҳияташон дар асоси таснифоти муайян ва зимни таркибҳои гуногун ба тариқи силсилавӣ дода мешаванд ва маводи таълимӣ дар пайвандии мавзӯӣ, дар алоқамандии ҳамдигар омӯзонида мешавад. Ба таркиби органайзерҳои графикӣ ҷадвалҳои гуногун, схемаҳои мухталиф, диаграммаҳо, кластерҳо ва васосити дигар дохил мешаванд, ки як – як бо онҳо шинос хоҳем шуд. |
| **Савол** | **Ҷадвали инсерт кадом аст ва хусусиятҳои онро муайян кунед.** |
| **Ҷавоб** | **Ҷадвали “ИНСЕРТ”.** Дар ҷараёни хониши мустақилона, ва барои ба системаи муайян даровардани маълумотҳои нав, барои тасдиқи маълумотҳо, муайян намудани дақиқии онҳо, мушоҳида намудани онҳо, ба мавод ва материалҳои дарсҳои гузашта алоқаманд намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Ин ҷадвал барои дар ҷараёни хониш ба системаи муайян даровардани маълумотҳо аҳамияти махсусро молик аст. Дар ҷараёни таълим муаллим аввал бо қоидаи инсерт шинос менамояд ва ба таври алоҳида ё гурӯҳҳо дар асоси матн ҳар як талаба ҷадвалро мувофиқи лаёқати худбо ишора валоматҳои шартӣ пур мекунад. |

**Машқи 2**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Кластер кадом аст?** |
| **Ҷавоб** | **Кластер.** (*Кластер - даста, баста*) - роҳи сохтани харитаи ахборӣ, марказонидани мазмун ва моҳияти фикрҳои асосӣ, ва муайян намудани роҳи ҳаллу фасли масъала дар атрофи ягон омили муҳиму амиқ ҷамъ намудани ғояҳои гуногун аст. Он ба тарзи схема – диаграммаҳои гуногун дар шаклҳои чоркунҷа ва ё дар шакли доира дода мешавад. Арзиши ин хема дар ҳамин аст, ки фаъолиятро дар ҷараёни таълим метезонад, ҷараёни фикррониро ба системаи муайян медарорад, барои тасаввуроти озоду кушод замина фароҳам меорад. Онро схемаи таснифотӣ ва ё классификаторӣ низ номидан мумкин аст. |
| **Савол** | **Ҷадвали медонам ва донистам, дониста гирифтам чист?** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) дар асоси мавзўъ, матни муайян, боб, параграф санҷиши дониши хонандагонро имконият медиҳад. Ин ҷадвал низ барои тафаккуроти системавӣ, танзим ва мураттабии фикрҳо, таҳлил намудан ташаккул додани малака ва маҳорати хонандагон, санҷиши ҷиддии донишҳои онҳо, муайян намудани савия ва ҳақиқати ҳол дар синф аҳамият дорад. |
| **Савол** | ***Ҷараёни таълим чист ва моҳияти онро шарҳ диҳед.*** |
| **Ҷавоб** | ***Ҷараёни таълим*** – таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандўзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад. **Ҷараёни таълим** равишест, ки дар он дониш, қобилияти шахсӣ-модарзодӣ ва таҷрибаву малака зина ба зина, тадриҷан афзуда мешавад ва вусъат меёбад. Дар асоси принципи роҳнамоӣ-дастурдиҳӣ ин ҷараёнро тезонидан мумкин аст, ки вазифаи муҳими муаллим аст. |
| **Савол** | **Диаграммаи Венна чист ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед?.** |
| **Ҷавоб** | **Диаграммаи Венна** – барои муҳокима, ҳаллу фасл ва муқосиаи ду ва зиёда ҷиҳатҳои як масъала ва ё паҳлўҳои умумии он, ёки ба ҳам зид гузоштан ва ё ба мизон гузоштан масоили мухталиф истифода мешавад. Малакаи ба тарзи системанок фикр рондан, муқоиса намудан, таҳлил кардан дар тафаккури хонанда инкишоф меёбад. Дар асоси ҳамфикрӣ ҷуфт-ҷуфт сохтани диаграммаҳо ва мқоисаи фикру мулоҳизаҳои дар дохили диаграммаҳо дарҷгардида амали толибилмон аст. |

**Машқи 3**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Дар бораи технологияи нави таълим Беспалкон чӣ мегўяд?** |
| **Ҷавоб** | «Технология» – калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) – маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимот аст. Ин ифодаи луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро комилан ифода намекунад. Он танҳо маънии луғавӣ асту халос. Ба маънии томи истилоҳияш мувофиқи гуфтаи олими рус В.Г.Беспалкон «Технологияи педагогӣ лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад». |
| **Савол** | **Роҳҳои самарабахши ташкил намудани ҷараёни таълим дар кадом шаклҳо мувофиқи матлаб аст.** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | • Маърузаи муаммоӣ;<br>• бинар маъруза;<br>• вебинар;<br>• интенсив-интерактив семинар;<br>• тренинг, видеотренинг;<br>виртуал маъруза ва дигарон |
| **Савол** | ***Методи харитаи идрок чист?*** |
| **Ҷавоб** | Методи харитаи идрок - усули баёни мавзӯъ ва ё маводи таълимӣ тавассути графикҳои махсус (Гарфикҳои органайзерӣ ва ғайра) буда, ахборот дар асоси системаи муайян ба тарзи муназзам ва тартиби муайян, дар шакли визуалӣ аз худ карда мешавад ва ҳамин гуна имконият падид меояд. |
| **Савол** | ***Шаклҳои истифода ва мақсад аз харитаи идрок кадом аст?*** |
| **Ҷавоб** | • Ба тарзи ҷамоавӣ баён кардани донишҳои нав дар ҷараёни маърӯза;<br>• Дар машғулоти семинарӣ санҷиши донишҳои назарӣ, мустаҳкамкунӣ, дар гурӯҳҳои хурд.;<br>• Дар ҷараёни таълими мустақил – ба тарзи эҷодӣ кор кардан, ташаккули тафаккури мантиқӣ, ба тарзи индивидуалӣ; |

**Машқи 4**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | ***Таҳлили методи – SWOT*** **чист ?** |
| **Ҷавоб** | ***Таҳлили методи – SWOT*** ғоя, ҷараён, таҷриба, таҳлили натиҷаҳои кор, тавассути муқоисаи масъалаҳои гуногун ҳал кардани муаммо, дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли мушкилот, мустаҳкамкунии донишҳои назарӣ, такрор, баҳогузорӣ, ташккули таҳлили аналитикиро падид меорад.<br>**S – (strength) –** ҷанбаъҳои пурқувват.<br>**W – (weakness) –** заиф, ҷанбаъҳои камқувват<br>**O – (opportunitu) –** имкониятҳо<br>**T – (tnreat) –** зиддиятҳо |
| **Савол** | **Дарси ҳамкорӣ ва ҳамҷоя кадом аст ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед ва дар ин ҷараён слайд тақдимотҳо чӣ гуна арзиш доранд?** |
| **Ҷавоб** | **Слайд-тақдимот -** ин воситаест барои тақдими маводи таълимӣ ба тарзи айёнӣ. Тавассути ин метод хонанда маводи азхудшавандаро қулай ва ба осонӣ аз худ мекунад. Барои кӣ, бо кадом мақсад, кадом маълумот ва барои чӣ қадар вақт муайян шудааст; слайд-тақдимотнабояд нутқи муаллимро айнан такрор кунад; Матни слайд барои аудитория маълум ва фаҳмо бояд бошад, бехато ва хоно бошад.; Ба тариқи фон бисёртар рангҳои сабук сафед ва сабз интихоб гардад хуб аст. |
| **Савол** | **Методи сукрот чӣ гуна метод аст?** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | Методи сукрот барои; кушодани моҳияти аслии муаммо; дарёфти ҳалли масъалаи мураккаб; баргардонидани шубҳаву гумон ба фикрҳои қатъӣ, боваринок ва эътимоднок, мустаҳкам кардани донишҳои назарӣ; донистагиҳоро аз надонистагӣ ҷудо карда гирифтан; Таъминкарда тавонистани пайдарҳамии нутқ ва фикрзаруру аст. |
| **Савол** | **Хусусиятҳои муҳимтарини методи дебат кадом аст?** |
| **Ҷавоб** | Дебат аз қабили методҳоест, ки дар асоси татбиқи он барои шунавандагон имконияти дар хусуси масъала ва муаммои асосӣ фикру мулоҳизоти озоду кушод он фароҳам оварда мешавад.<br>Иштирокчиёни дебат дар баромади худ мисолҳо, исботҳо, бурҳону далелҳо ва фактҳои муайян меоранд ва барои фаҳмонидану мантиқан хулоса баровардан кӯмак мерасонанд.<br>Дар дебат баён ва ё ифодаи ҳиссиёти иштирокчиён инчунин ба шахси дигар баҳо додан мумкин нест.<br>Дар натиҷаи дебат аз рӯи муаммои баррасишаванда ба тарзи қатъӣ хулосаи “ҳа” ва ё “не” бароварда мешавад. Фарқи дебат аз саволу ҷавоби муқаррарӣ дар ҳамин аст. |

## VI. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


**I.Адабиёти сиёсӣ**

1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон, демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: Ўзбекистон, 2016.
2. Мирзиёев Ш.М. Танқидий тахлил, қатъий тартиб интизом ва шахсий жавобгарлик ҳар бир раҳбар фаолиятининг кундалик қоидаси бўлиши керак. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олийжаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
4. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш – юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гаровидир. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
5. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз. 1-жилд. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
6. Мирзиёев Ш.М. Халқимизнинг розилиги бизнинг фаолиятимизга берилган энг олий баҳодир. 2-жилд. – Тошкент: Ўзбекистон, 2018.
7. Каримов.И.А. Юксак маънавият-енгилмас куч. Т.: Ўзбекистон, 2008
8. Каримов.И.А. Демократик ислоҳотларни янада чуқурлаштириш ва фуқаролик жамиятини шакллантириш – мамлакатимиз тараққиётининг асосий мезонидир. 19-жилд. Т.: Ўзбекистон, 2011.
9. КаримовИ.А. Ўзбекистон мутақилликка эришиш остонасида. Т.: Ўзбекистон, - 2011.
10. Каримов И.А. Она юритимизнинг бахту иқболи ва буюк келажаги йўлида хизмат қилиш – энг олий саодатдир. Т.:Ўзбекистон, 2015.

**II. Адабиёти махсус.**

1. Воҳидов А. ва дигарон. Забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XYI. Самарқанд, 2007.
2. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс. Самарқанд. 1980.
3. Воҳидов А. Материалҳо аз таърихи забоншиносии тоҷик. –Самарқанд, 2001
4. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. –Самарқанд, 2006.
5. Ниёзмуҳаммадов. Забоншиносии тоҷик. (Асарҳои мунтахаб) Душанбе, 1970.
6. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1984.
7. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд. – Душанбе, 1984.

26. Муҳаммад Ғиёсиддин «Ғиёс-ул-луғот» – Душанбе, 1987.
27. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунатхаб. Ҷилди 2, Забоншиносӣ. – Душанбе, 1982
28. Маърупов А. Олимони рус дар тадқиқи грамматикаи тоҷик.– Самарқанд, 1996
29. Ҷӯраев Ғ. Олими пуркор ва мураббии ғамхор. – Душанбе, 1992.